**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

ТДУ 9 (092) (575.3)
ТКБ 63.3 (2 тоҷик)
М – 44

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МАҲМУДОВ ДАВЛАТШОҲ ХАЙРУЛЛОЕВИЧ**

# САҲМИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ ДАР АЗНАВСОЗИҲОИ СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 20-УМ ВА 30-ЮМИ АСРИ XX

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ)

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст

**Роҳбари илмӣ:** **Ғафуров Абдулло Мутиллоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад** – доктори илмҳои таърих, и.в. профессор, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Неъмонов Беҳрӯзҷон Зарёевич** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ

Ҳимояи диссертатсия санаи **«11» декабри соли 2025**, соати $13^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА–093 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳо таърих, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute-history.tj) шинос шудан мумкин аст.

**Автореферат санаи «____» ____________соли 2025 тавзеъ шудааст.**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори фалсафа PhD**
**аз рӯйи ихтисоси таърих**
Email: mirzo-juma@mail.ru **Мирзоев Ш.Ҷ.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар мураккабтарин лаҳзаҳои таърихӣ фақат сарварони воқеӣ қотеияти сиёсӣ ва дурандешӣ зоҳир намуда, тасмимҳои сарнавиштсозе мегиранд, ки тараққиётиояндаи халқҳо ва давлатҳоро муайян мекунанд. Дар таърихи халқи тоҷик солҳои 20-30- юми асри XX яке аз чунин давраҳои муҳим ҳисоб мешаванд.

Дар ин айём ба таҳдидҳо ва хатарҳо нигоҳ накарда, фарзандони содиқи миллат, ба монандӣ Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдуқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Аҳмадбек Мавлонбеков ва дигарон дар рушди миллати куҳанбунёд нақши муҳим гузошта, ба ташкил шудани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ноил гардиданд.

Дар миёни ходимони ҷамъиятӣ ва сиёсии зикршуда ҷойи махсусро нахустин роҳбари ҶМШС ва ҶШС Тоҷикистон, ки баъди марг бо унвони Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардид (2006), Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) ишғол мекунад, зеро дигаргуниҳое ки дар давраи таҳқиқотии мо ба вуҷуд омада буданд, аксаран бо фаъолияти пурсамари ӯ иртибот доштанд.

Муҳимтариин хизмати Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ барқарор кардани адолати таърихӣ мебошад, ки дар натиҷаи он соли 1929 дар ҳайати ИҶШС ҷумҳурии нав бо номи аҳолии бумии он–тоҷикон ба вуҷуд омад. Ягон давлати дигари аз ҷониби аҷдоди мо дар гузашта ташкил шуда, дар номи худ этноними “тоҷик”–ро ифода намекард.

Вақте ки дар охири солҳои 20-ум Тоҷикистон ҷумҳурии ҳафтуми шуравии сотсиалистӣ гардид, тоҷикон, ки дар арафаи нобудшавии ҷисмонӣ ва маънавӣ қарор доштанд, аз нав эҳё шуданд. Шоир ва инқилобчии Эрон – Абулқосим Лоҳутӣ ҳаноме, ки ибтидои солҳои 20-ум ба Иттиҳоди Шуравӣ ҳиҷрат карда буд, дар Маскав нахустин бор дар бораи Тоҷикистон мешунавад ва бовари ҳосил мекунад, ки тоҷикон ҳамчун яке аз халқҳои форсизабон ҳастанд [24, с. 218].

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Дар ин давра ба арсаи мубориза барои муайян намудани сарнавишти миллату давлати тоҷикон як қатор фарзандони баору номуси ватанамон ба монанди Садриддин Айнӣ, Чинор Имомов, Абдулқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ворид шуданд, ки дар натиҷаи

кӯшишу талошҳои онҳо Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурӣ таъсис ёфт» [1].

Дар ҳақиқат, Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ, ки дар таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929 нақши калонро бозида буданд, заминаҳои таърихиро барои қабули эъломияи истиқлол дар соли 1991 гузоштанд. Аз ин нуқтаи назар, Нусратулло Махсумро метавон таъинкунандаи сарнавишти миллати худ ва пешвои воқеии ҷомеаи замони худ номид.

Маҳз ба ҳамин хотир мо ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсумро ба сифати таҳқиқоти илмӣ интихоб кардем. Ба ин мавзуъ асарҳои зиёде бахшида шудаанд, аммо рисолаи мукаммали илмӣ доир ба шахсе, ки дар дигаргуниҳои миёнаи солҳои 20–ум ва нимаи аввали солҳои 30–юм нақши муҳимро бозидааст, вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур дар илми таърихнигории тоҷик саҳифаҳои наверо боз мекунад.

Аҳаммияти ин дигаргунсозиҳо дар он аст, ки дар таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон гардиши куллиро ба вуҷуд оварданд. Масъалаи омӯзиши ин давраи таърихӣ ва ташкили давлатдории тоҷикон дар ин марҳила дар асарҳо ва тадқиқоти алоҳида то ҷое баррасӣ шудаанд, аммо аз нуқтаи назари таърихӣ нақши мушаххаси шахсиятҳои алоҳидаи таърихӣ дар масъалаи ба эътидол овардани вазъият ва таъмини некӯаҳволии мардум арзёбӣ нашудааст. Ҳамчунин, таъкид бояд кард, ки ҳаёти тоинқилобӣ ва ташаккули андешаҳои сиёсии Нусратулло Махсум, солҳои фаъолияти ӯ дар Фарғона камтар омӯхта шудааст.

Дар диссертатсия ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 20-ум ва нимаи якуми солҳои 30-юм ва инчунин ҷойгоҳ ва нақши ходими барҷастаи сиёсӣ Нусратулло Махсум дар ин раванд пажуҳиш шудааст.

Масъалаи мубориза ба муқобили қувваҳои зиддишуравӣ ё ба истилоҳ ҳаракати "босмачигарӣ" дар шароити муосир ба яке аз мавзуъҳои баҳснок дар ҷомеаи тоҷик табдил ёфтааст. Бинобар ин, зарурат ба вуҷуд омадааст, ки муҳаққиқон ба ин мавзуъ бо камоли масъулият бархурд намоянд.

Бо такя ба манобеи муътамади таърихӣ саҳми Нусратулло Махсумро дар торумор намудани босмачиҳо инъикос ёфта, бо ин роҳ, нақши ӯ дар дастёбӣ ба ҳаёти осоишта дар ҷумҳурӣ нишон дода шудааст.

Омӯзиши мавзуи мазкур нишон дод, ки Нусратулло Махсум ҳамроҳи дигар намояндагони барҷастаи халқи тоҷик дар тайи як

даҳа барои ташкилёбии ҷумҳурии тоҷикон ва рушди хоҷагии халқи он, инчунин бозгашти гурезаҳо ва барқарор намудани сулҳи саросарӣ дар тамоми қаламрави Тоҷикистони Шуравӣ нақши муҳим бозидааст.

Ҳамзамон, бояд гуфт, ки дар натиҷаи муташанниҷ гардидани вазъият дар солҳои 30-юм як қатор шахсиятҳои намоёни тоҷик, ки дар миёнашон Нусратулло Махсум низ буд, қурбонии таъқиботҳои сиёсӣ гардиданд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур яке аз мавзуъҳои мубрамтарини таърихи халқи тоҷик ҳисоб мешавад.

Дар маҷмуъ дар диссертатсия равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятиву сиёсӣ ва сабабҳои таъқиб шудани Нусратулло Махсум муфассал баррасӣ гардидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши саҳми шахсиятҳое, чун Нусратулло Махсум дар барқарор кардани адолати таърихӣ, бунёди ҷомеаи нави тоҷикон ва системаи нави ҷамъиятӣ аҳаммияти калони таърихӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз чеҳраҳои сиёсию ҷамъиятии тоҷик дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX, аз ҷумла, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Аббос Алиев, Абдулло Раҳимбоев то андозае аз тарафи муҳаққиқони алоҳида мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Аммо корномаи Нусратулло Махсум то ҳанӯз ба таври илмӣ ва мукаммал омӯхта наушдааст.

Дар тӯли солҳои зиёд, яъне, то миёнаҳои солҳои шастуми асри XX ба фаъолияти Нусратулло Махсум ва ҳаммаслаконаш бо назардошти фазои сиёсии замон аз ҷониби олимон таваҷҷуҳ намешуд.

Парвандаҳои ҷиноятии бофтаю сохта нисбат ба ходимони ҳизбию давлатӣ солҳои 20-30 то солҳои 60-ум, яъне то замони пурра сафед шудани ин шахсиятҳо, ҳатто аз ҷониби олимони таърихнигор мавриди шубҳа қарор нагирифта буданд.

Соли 1957 Коллегияи ҳарбии Суди Олӣ қарори Прокурори генералии ИҶШС-ро баррасӣ карда, ҳукмро дар ҳаққи роҳбари нахустини Тоҷикистон Шуравӣ бекор карда, бо сабаби набудани далели ҷиноят парвандаи ҷиноятиро нисбат ба ӯ қатъ кард, аммо сарфи назар аз ин, қарори ҳизб дар бораи бегуноҳии Нусратулло Махсум танҳо дар соли 1964 баромад [84].

Дар адабиёте, ки ба ин давраи таърихӣ тааллуқ дошт, номи Нусратулло Махсум то замони сафед шудани ӯ зикр намегардид. Ҳатто баъди соли 1964, яъне пас аз пурра барқарор гаштани номи

некаш, шахсияти ӯ муддати зиёде аз ҷониби роҳбарияти ҳизбии ҷумҳурӣ «дида намешуд».

Омӯзиши нақши Нусратулло Махсум дар ташкили ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Тоҷикистон дар замони бозсозии горбачёвӣ шуруъ гардид. Маҳз ҳамон давра, олимони намоёни тоҷик Раҳим Масов ва Шукур Султонов ба пажуҳиши ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсум рӯ оварданд.

Ин муҳаққиқон ба маводи бойгонӣ такя карда, мақолаеро зери унвони «Меҳтари Тоҷикистон» навиштанд, ки он 10 декабри соли 1988 дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» чоп шуд. Минбаъд ин мақола чандин маротиба бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ дар матбуот ва маҷмуаҳои илмӣ ба чоп расид [83; 84; 82; 56, с. 123 – 134].

Бидуни шак, мақолаи «Меҳтари Тоҷикистон» аввалин кӯшиши олимон дар омӯзиши шахсияти Нусратуллло Махсум ва хизматҳои ӯ дар тараққиёти ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Тоҷикистон мебошад. Дар ин мақола ба таври кӯтоҳ роҳи ҳаёти Нусртаулло Махсум тасвир гардида, ҳамчунин, аз нуқтаи назари илмӣ мубориза ва кӯшишҳои хастагинопазири ӯ бо мақсади таъмини адолати таърихӣ бобати ташкили ҷумҳурии шуравии Тоҷикистон дар давраи таҳқиқотӣ пажуҳиш шудааст.

Р. Масов ва Ш. Сулонов бо такя ба далелҳои илмӣ исбот карданд, ки Нусратулло Махсум ба маънои томи ин калима, муборизи роҳи ҳақиқат ва адолат буд, аммо дар охири умраш ӯро туҳмат карда, аз вазифа барканор намуданд ва соли 1937 паррониданд.

Мақолаи дигаре, ки ба Нусратулло Махсум бахшида шуда буд, аз ҷониби таърихнигор Бозорбоева М ва рӯзноманигор А. Сангин зери унвони «Нахустин раиси КМИ» [65] таълиф гардид, ки он моҳи декабри соли 1988 дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» ба нашр расид.

Ин мақоларо ба жанри публитсистӣ нисбат додан мумкин аст, зеро муаллифон бо забони соддаю равон дар бораи Нусратулло Махсум аз овони таваллуд то маргаш дар охири солҳои 30 юми асри XX нақл мекунанд.

Мақолаи дигари академик Раҳим Масов зери унвони «Арбоби миллат»-ро [55, с. 4 – 25] идомаи мантиқии мақолаи «Меҳтари миллат», ки ҳамроҳи Ш. Султонов навишта буд, ҳисоб кардан мумкин аст. Дар ин мақола муаллиф маводи навро истифода бурда, сабабҳои таъқиб шудани Нусратулло Махсумро дар давраи фоҷиабори таърихи шуравӣ таҳқиқ мекунад.

Дар мақолаи «Арбоби миллат» Р. Масов ҳамчунин рӯзгори вазнини пайвандони Нусратулло Махсумро баъди боздошт ва марги ӯ инъикос мекунад. Азбаски солҳои 20 ва 30-юми асри XX яке аз самтҳои таҳқиқоти илмии академик Р. Масов мебошанд, ӯ то ҷое баъзе паҳлӯҳои дигари зиндагиии Нусратулло Махсумро таҳқиқ мекунад. Дар ин иртибот, ӯ нахустин роҳбари Тоҷикистони шуравиро дар як қатор китобҳо ва мақолаҳои дигари худ зикр мекунад [33; 34; 35; 53, с. 25 – 38; 54, с. 134 – 146; 85; 81].

Соли 1991 ба муносибати 110-солагии Нусратулло Махсум дар матбуот баъзе мақолаҳо бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ ба табъ расиданд [78; 118; 67; 62; 68]. Норасоии асосии маводи ба нашр расида бештар дар он намудор буд, ки ҷойгоҳи ин чеҳраи аввали Тоҷикистони Шуравӣ дақиқ муайян нашуда буд.

Вазъият дар даврони истиқлол ба шарофати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон тағйир ёфт, вақте ӯ ба гузаштаи таърихи мо руҷӯъ намуд, аз ҷумла ба корномаи шахсиятҳои таърихии гузашта ба таври расмӣ арҷ гузошт.

Дар ин иртибот, соли 1997 аз ҷониби кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ракиб Абулҳаев, Намоз Ҳотамов ва Холназар Муҳаббатов маҷмуаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсум зери унвони «Речи, доклады, статьи Нусратулло Махсума и материалы о его жизнедеятельности» [47; 50] нашр гардид. Минбаъд ин мавод ҳамчун сарчашма аз ҷониби муҳаққиқони дигар истифода шуд.

Соли 2001 ба муносибати 120 солагии Нусратуло Махсум маҷмуаи «Фидоии миллат» [50] зери назари академик Р. Масов аз чоп баромад, ки дар он 6 мақолаи олимони намоёни ҷумҳурӣ ҷой дода шуда буданд. Дар ин маҷмуа диққати махсус ба таҳқиқи фаъолияти Нусратулло Махсум дар бунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Ҳамчунин, дар он фаъолияти Нусратулло Махсум аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардидааст ва ба шарофати ин, дар таърихнигории халқи тоҷик як саҳифаи тозае кушода шуд.

27 июни соли 2006 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи додани унвони “Қаҳрамони Тоҷикистон” [3] ба ду фарзанди содиқи халқи тоҷик – Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур баромад. Додани ин унвони баланди давлатӣ ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти ӯ аз ҷониби олимон мусоидат кард.

Дере нагузашта дар матбуоти давлатию ғайридавлатӣ мақолаҳои зиёде бахшида ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти Нусратулло Махсум ба нашр расиданд. Аксари онҳо такрори ҳамдигар буданд, аммо сарфи назар аз ин, барои шиносоии ин чеҳраи таърихӣ дар миёни ҷомеа нақши муайян гузоштанд [59; 61; 86; 76; 69; 98; 99; 60; 115; 102; 103; 113; 77; 109; 114; 110; 74; 71; 107; 108; 119; 117; 66; 75; 105; 79; 104; 80; 73; 101; 63].

Дар замони истиқлол сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизматҳои шахсиятҳои барҷастаи таърихиро, ки ба онҳо Нусратулло Махсум низ дохил мешавад, баҳои сазовор дод. Додани унвони баланди давлатии «Қаҳрамони Тоҷикистон», номгузории кӯчаву хиёбонҳо ба номи Нусратулло Махсум дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ҷой додани тасвири Нусратулло Махсум дар асъори миллӣ (пули 200 сомонӣ), таҷлили солгардҳо ва ғайра, гувоҳи гуфтаҳои боло мебошанд.

Гузашта аз ин, номи Нусратулло Махсум дар қатори 25 нафар шахсиятҳои намоёни таърихи халқи тоҷик дар китоби «Чеҳраҳои мондагор»-и Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр мешавад. Сарвари давлат ҳамчун як нафар сиёсатмадори муваффақ ба хизматҳои Нусратулло Махсум баҳои объективӣ додааст. Ӯ дар ин иртибот қайд мекунад: «Дар солҳои дар вазифаи раиси Кумитаи иҷроияи Марказии ҷумҳурӣ фаъолият намудани Нусратулло Махсум дар Тоҷикистон он қадар корҳои бунёдкориву созандагӣ вусъат ёфта буданд, ки халқи мо садсолаҳои пешин чунин дигаргунсозиҳоро надида буд. Пеш аз ҳама таъсиси сохторҳои нави идоракунӣ, рушди тамоми соҳаҳо, бунёди роҳҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, созмон додани мактабҳову курсҳои гуногуни касбомӯзӣ, ҷалби занон ба корҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои муассир амалӣ гаштанд» [2, с. 371].

Раванди бунёдкориҳои солҳои 20-ум ва нимаи аввали 30-юми асри XX-ро бе номи Нусратулло Махсум тасаввур намудан номумкин аст, аз ин рӯ, Пешвои миллит дар китоби мазкур чунин зикр мекунад: «Бо номи ин фарзанди содиқи миллат як давраи томи таърихи халқи тоҷик, як марҳилаи ҳассосу сарнавиштсоз ва бунёдкориҳои азими кишварамон иртиботи қавӣ дорад» [2, с. 371].

Нақши Нусратулло Махсум дар бунёди давлатдории навини тоҷикон аз нуқтаи назари илмӣ инчунин дар тадқиқотҳои муаррихи тоҷик Абдулло Ғафуров [25; 52, с. 332 – 341; 70] то ҷое инъикоси худро ёфтааст. Қабл аз ҳама, муаррих раванди ташаккулёбии давлатсозии тоҷиконро дар марҳилаи навин ба

таври зер даврабандӣ мекунад: «Аз рӯйи хусусияташон воқеоти сиёсии ин давраро метавон ба се қисм ҷудо намуд: а) солҳои 1917-1924 – давраи пайдоиши заминаҳо барои таъсиси сохти нави давлатдории миллӣ; б) солҳои 1924-1929 – давраи ибтидои ташаккули давлатдорӣ ё худ мухторият; в) 1929-1936 – таъсиси ҷумҳурии мустақил дар ҳайати ИҶШС ва идомаи бунёди сохторҳои давлатӣ» [52, с. 332].

Ин даврабандӣ аз ҳар ҷониб ба фаъолиятҳои сиёсии Нусратулло Махсум иртиботи қавӣ дорад. Дар идомаи пажуҳиши мазкур навсозиҳою талошҳои Нусратулло Махсумро бо такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ баён ёфтааст. Аз тарзу услуби баёни олим барало эҳсос мешавад, ки дар воқеъ Нусратулло Махсум ҳамчун яке аз поягузорони Тоҷикистони Шуравӣ эътироф шудааст. Бо таъкиди ин нукта қайд намудан зарур аст, ки ин паҳлӯи мавзуи зери назари мо дар нигоштаҳои Абдулло Ғафуров то андозае баррасӣ шудааст.

Барои шинохти бештари фаъолиятҳои Нусратулло Махсум дар байни наврасону ҷавонон нигоштаи олимони тоҷик Ҳасанбой Дӯстов ва Абдураҳмон Хонов зери унвони «Нусратулло Махсум» [27] нақши калон гузошт. Муаллифон дар ин брошура асосан ба тадқиқоти академик Р. Масов такя намуда, аммо онҳоро ба таври хело фишурда ифода карданд.

Дар монографияи профессор Абдуназар Ҳақназаров «Нусратулло Махсум. Государственно – политический деятель» [42] як қатор масъалаҳо таҳқиқ шудаанд, аз ҷумла: вазъияти ҷамъиятиву сиёсӣ дар замоне, ки Нусратулло Махсум ҷумҳуриро роҳбарӣ мекард; воқеаҳои фоҷиабори солҳои 30-юм ва таъсири манфии онҳо ба ҷомеаи тоҷик; аз воқеият дур шудани роҳбарияти давлати Шуравӣ; маҳв гардидани фарзандони намоёни халқи тоҷик, ба монанди Нусратулло Махсум ва дигарон.

Дар муаррифии корномаи Нусратулло Махсум монографияи «Нусратулло Махсум» [26] бозид, ки аз ҷониби муаллифи ин рисола дар якҷоягӣ бо профессор Фозил Абдурашитов навишта шуда буд, то ҷое нақш гузошт. Ин нигошта соли 2018 бо дастгирии Раёсати ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, махсусан доктори илмҳои таърих, профессор Каримзода Н. У., нашр шудааст.

Дар монография маълумоти умумӣ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шахсияти нахустин роҳбари Тоҷикистони шуравӣ пешниҳод мекунад.

Соли 2011 ба муносибати 130 – солагии Нусратулло Махсум маҷмуаи наве бо номи «У истоков истории» [49] нашр гардид, ки он дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки соли 1997 дар китоби «Речи, доклады, статьи Нусратулло Махсума и материалы о его жизнедеятельности» нашр шуда буд, таҳия шудааст. Фарқи онҳо дар ин аст, ки дар китоби нахустин 60 ҳуҷҷат ҷой дода шуда буданд, аммо китоби дуюм аз 71 ҳуҷҷат иборат буд.

Дар ин маҷмуа ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳамчунин, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба нақшу ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар таърихи навини Тоҷикистон ва инчунин 12 мақолаи калонҳаҷми таърихнигорони тоҷик, аз ҷумла, нигоштаҳои Масов Р., Абулҳаев Р., Дӯстов Ҳ., Ҳотамов Н., Ғафуров А., Қобилова Б., Наимов М., Қаландаров И. оварда шудаанд.

Дар умум маҷмуаи «У истоков истории» дар муайян намудани нақши Нусратулло Махсум дар таърихи солҳои 20-30-юми асри XX нақши муҳим бозид.

Соли 2019 бо дастгирии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт маҷмуаи мақолаҳо бо номи «Нусратулло Махсум – ҷонфидои давлату миллат» [46] чоп шуд. Маҷмуаи мазкур аз 22 мақола иборат буда, дар он паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ӯ инъикос гардидаанд. Хотироти солмандони зодгоҳи Нусратулло Махсум, ки дар мақолаҳо истифода шудааст, аз аҳаммияти илмӣ холӣ нестанд.

Соли 2017 нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Ҷумҳурият» муштаракан бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт бахшида ба 20 – солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва гиромидошти Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум озмун эълон кард.

Озмун аз 1 феврал то 1 июни ҳамон сол идома ёфт ва дар он олимон, таърихнигорон, нависандагон, журналистон ва дигарон иштирок карданд. Дар ин муддат дар саҳифаҳои рӯзнома мақолаҳои зиёде доир ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти Нусратулло Махсум ба чоп расиданд [97; 111; 106; 116; 72; 112; 100].

Ин иқдом на танҳо дар инъикоси саҳми Нусратулло Махсум дар рушди ҷумҳурӣ нақши калон дошт, балки он ба баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ дар ҷомеа мусоидат кард. Дар матолиби нашршуда маълумоти нав вобаста ба фаъолияти гуногунҷанбаи Нусратулло Махсум ба чашм намерасид, аммо сарфи назар аз ин, озмун дар тарғиби нақш ва саҳми ӯ аҳаммияти махсус дошт.

Баъди ба Нусратулло Махсус додани унвони Қаҳрамони Тоҷикистон дар соли 2006 шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ як қатор маводеро, ки ба ӯ бахшида шуда буд, пахш карданд. Дар миёни онҳо филмҳое ҷойи махсусро ишғол мекунанд, ки муаллифонашон Шавкати Муҳаммадӣ (с. 2014) ва Сайрам Бақозода (с. 2016) буданд.

Филмҳои мазкур бо истифода аз маводи бойгонӣ ва ҳикоёти муаррихони шинохташуда, арбобони давлатию ҷамъиятӣ ва пайвандони Нусратулло Махсум таҳия шудаанл.

Дар баробари ин, доир ба мавзуи мазкур дар маҷмуаҳои илмӣ ва матбуоти кишвар якчанд маводи тадқиқотии инҷониб нашр шуданд [87; 92; 93; 90; 88; 94; 95; 89; 96].

Инчунин, маводи диссертатсия дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва мусоҳибаҳои бевосита бо пайвандону наздикони худи Нусратулло Махсум таълиф гардидаанд. Бинобар ин, баъзе маводи нашрнашуда, ки аз забони пайвандону наздикони Нусратулло Махсум ҷамъоварӣ шудаанд, барои тақвияти ин диссертатсия истифода гардидаанд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки то ҳол ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Нусратулло Махсум пурра таҳқиқ нашудааст. Бинобар ин, тадқиқоти мо мавзуи мубрам ва муҳим буда, дар омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти нахустин роҳбари Тоҷикистони шуравӣ ва фазои сиёсии аз аҳаммияти калон бархурдор аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.**

Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ омода шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи мазкур нишон додани саҳми барҷастаи фарзандони фарзонаи тоҷик дар инъикоси таърихи халқи тоҷик аст, ки дарбаргирандаи мавзуи диссертатсия мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсад аз таҳқиқи мавзуи мазкур дар асоси адабиёти илмӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ муайян намудани нақши Нусратулло Махсум дар дигаргунсозиҳои солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX дар Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаи таҳқиқот.** Бо дарназардошти ин, муҳаққиқ дар назди худ ҳалли вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- омӯзиши вазъи сиёсию иқтисодӣ дар бекигарии Қаротегин ҳамчун зодгоҳи Нусратулло Махсум то Инқилоби Октябри соли 1917;

- таҳқиқи заминаҳои ташаккули тафаккури сиёсии Нусратулло Махсум;

- ворид шудани Нусратулло Махсум ба корҳои ҳизбию ҷамъиятӣ дар Қаротегин ва саҳми ӯ дар дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии водӣ;

- таҳлили сабабу ҳодисаҳои сиёсии солҳои 20-ум ва муайян намудани ҷой ва нақши Нусратулло Махсум дар ин марҳила;

- муайян намудани нақши Нусратулло Махсум дар раванди бунёди Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтори шуравӣ;

- мавриди баррасӣ қарор додани бунёди аввалин идораҳои давлатию ҳизбии Тоҷикистон ва саҳми Нусратулло Махсум дар ин самт;

- аз ҷиҳати илмӣ муайян намудани ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар раванди таъсиси ҶШС Тоҷикистон;

- баррасии сабабҳои фаъолияти зиддишуравии босмачиҳо ва баррасии иштироки Нусратулло Махсум дар мубориза алайҳи онҳо;

- таҳқиқи ҷой ва нақши Нусратулло Махсум ҳамчун роҳбари ҷумҳурӣ дар дигаргуниҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҳимояи ин дастовардҳо;

- таҳлили ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои 30-юми асри XX ва сабабҳои репрессия шудани Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқ саҳми Нусратулло Махсум дар рушду инкишоф ва азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри хх интихоб шудааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Таърихи таъсис ва ташаккули Тоҷикистон дар солҳои 20 – 30-юми асри XX ва нақши Нусратулло Махсум дар раванди ин дигаргунсозиҳо ва ташаккули хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот** (доираи таърихии таҳқиқот).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шуда, ду марҳиларо дар бар мегирад:

- марҳилаи аввал аз соли 2008 то 2019 дар бар гирифта дар ин муддат корҳои зерин ба анҷом расонида шудааст: интихоби

мавзуъ ва роҳбари илмӣ, тасдиқи мавзуъ дар шурои илмии донишгоҳ, тартиб додани нақшаи кор, ҷамъ кардан ва ба низом даровардани мавод оид ба мавзуи интихобшуда, ҷустуҷуи хуҷҷатҳои бойгонӣ, мавриди омӯзиш нишон додани дигар адабиёти илмӣ, навиштани муқаддима ва бобҳои якуми ва дуюми рисола, нашри мақолаҳо дар мавзуи рисола, иштирок дар конференсияҳои илмӣ;

- марҳилаи дуюм, аз соли 2020 то 2025-ро дар бар мегирад. Дар марҳилаи мазкур корҳои зерин анҷом дода шуд: навиштани боби сеюм, ҷамъбасти рисола, нашри мақолаҳо дар мавзуи таҳқиқот, суханронӣ дар конференсияҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, супоридани имтиҳони маҷмуӣ аз рӯйи ихтисос ва пешниҳоди рисола барои ҳимоя.

Давраи хронологии таҳқиқот фарогири ҳодисаҳои таърихии охири асри XIX то нимаи аввали солҳои сиюми асри XX мебошад. Аз ин, омӯзиши ҳодисаҳои солҳои 20 ва 30-юми асри XX дар Тоҷикистон марҳилаи асосии кори диссертатсионӣ ба шумор меравад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи методҳои муқоисавию таърихӣ, муқоисавию таҳқиқотӣ, таҳлили оморӣ, услуби назарияи таърихшиносӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти амалӣ анҷом дода шудааст. Дар рафти таҳқиқ усулҳои илмии омӯзиш доир ба мавзуи мақоми Нусратулло Махсум дар ташаккул ва тараққии Тоҷикистон дар давоми солҳои 20-30-юми асри XX ба роҳ монда шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии кор, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки мавзуи саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX бори аввал дар асоси маводи муътамади таърихӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва нақлу ривоятҳои пайвандон омӯхта ва таҳлил гардидааст. Масъалаи тақсимоти миллию ҳудудии соли 1924, таъсиси ҶМШС Тоҷикистон, таъсиси ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929, ба вуҷудоии ҳаракати зиддишуравӣ, навгониҳои иқтисодию иҷтимоии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX, таъқиботи сиёсии солҳои сиюм то андозае пажуҳиш шудаанд, аммо нақши Нусратулло Махсум дар ин асарҳо ба таври кофӣ инъикос гардидааст. Ҳамзамон, масъалаҳои зерин ба ҳайси навгонии илмӣ дар диссертатсия муайян карда шудаанд:

- вазъи сиёсию иқтисодии бекигарии Қаротегин ҳамчун зодгоҳи Нусратулло Махсум то Инқилоби Октябри соли 1917 мавриди омӯзиш қарор гирифт;

- оғози раванди шаклгирии андешаҳои сиёсии Нусратулло Махсум дар муҳити зодгоҳ ва солҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Фарғона омӯхта шуд;

- ворид шудани Нусратулло Махсум ба корҳои ҳизбию ҷамъиятӣ дар Қаротегин ва саҳми ӯ дар дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳамин водӣ таҳқиқ гардид;

- Вазъи сиёсии нимаи аввали солҳои 20-ум ва муайян намудани ҷой ва нақши Нусратулло Махсум дар ин марҳила омӯхта шуд;

- нақши Нусратулло Махсум дар раванди бунёди Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтори шуравӣ аз нуқтаи назари илмӣ баррасӣ гардид;

- бунёди аввалин идораҳои давлатию ҳизбии Тоҷикистон ва саҳми Нусратулло Махсум дар ин самт мавриди омӯзиш қарор гирифт;

- аз ҷиҳати илмӣ муайян намудани ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар раванди таъсиси ҶШС Тоҷикистон муайян гардид;

- баррасии сабабҳои фаъолияти зиддишуравии босмачиҳо ва баррасии иштироки Нусратулло Махсум дар мубориза алайҳи онҳо анҷом дода шуд;

- ҷой ва нақши Нусратулло Махсум ҳамчун роҳбари ҷумҳурӣ дар дигаргуниҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҳимояи ин дастовардҳо таҳқиқ шуд;

- ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои 30-юми асри XX ва сабабҳои репрессия шудани Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ таҳқиқ гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- дар диссертатсия раванди шаклгирии андешаҳои сиёсии Нусратулло Махсум таҳқиқ гардида, фазои маънавии муҳити зодгоҳ, инчунин, зиндагии ӯ ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ ва иштирокаш дар ҳамоишҳои эътирозии коргарон мавриди таҳлил қарор мегирад;

- фаъолияти Нусратулло Махсум дар вазифаҳои масъули давлатӣ тайи солҳои 1920 – 1923 дар водии Қаротегин таҳлил гардида, саҳми ӯ дар ба эътидол даромадани авзои сиёсии водии мазкур ва Душанбе муайян мешавад;

- саҳми Нусратулло Махсум дар таъсиси ҶМШС Тоҷикистон инъикос мешавад. Инчунин, бо такя ба мадорики таърихӣ саҳми Нусратулло Махсум дар ташаккули сохторҳои маъмурӣ ва давлатии ҶМШС Тоҷикистон муайян мегардад. Нақши Нусратулло Махсум дар табдили ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон муайян карда мешавад;

- яке аз ҷанбаҳои баҳсноки диссертатсия мубориза алайҳи қувваҳои зиддишуравӣ мебошад, бинобар ин, нақши Нусратулло Махсум дар ин мубориза ва ҳамчунин дар муътадил гардонидани вазъияти сиёсӣ муайян карда мешавад;

- масъалаҳое таҳқиқ мешаванд, ки ба татбиқи чорабиниҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ алоқамандӣ доранд. Ба танзим даровардани муҳоҷирати дохилию хориҷӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар ин раванд. Масъалаи таъмин кардани некӯаҳволии халқ, аз ҷумла деҳқонон ва талошҳои Нусратулло Махсум дар ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоии мардум;

- омилҳое таҳлил карда мешаванд, ки ба сиёҳ кардани Нусратулло Махсум дар давоми солҳои 1933 – 1937 мусоидат карданд, ҳамҷунин шароити зиндагии пайвандони роҳбари нахустини Тоҷикистони шуравӣ баъди таъқиботи соли 1937 ва сафед шудани ӯ дар соли 1957 омӯхта мешавад. Диққати махсус ба эътирофи хизматҳои Нусратулло Махсум дар солҳои баъдӣ, алалхусус дар даврони истиқлол дода мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро метавон, дар навбати аввал, ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқӣ ҳангоми пажуҳиши масоиле, ки бо давраи таҳқиқшаванда алоқаманд мебошанд, истифода намуд. Ба ғайр аз ин, онҳоро ҳангоми тартиб додани барномаҳо ва такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, барномаҳо, курси лексияҳо, баргузор намудани курсҳои махсус истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия бо истифодаи назарияҳои илмии тасдиқшуда дар заминаи татбиқи усулҳои муосири таҳқиқот ва бо риояи принсипҳои илмӣ таҳия шудааст. Тасдиқи натиҷаҳои он дар чор мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои дигар ва маҷмуаҳои конфронсҳои илмӣ ба нашр расидаанд, ифода меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ихтисоси 07.00.00–Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар он аст, ки ӯ бевосита аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, илмию оммавӣ, шифоҳӣ ва адабӣ истифода карда, баъди таҳлилу муқоисаҳои зиёди илмӣ таҳқиқотро анҷом додааст. Барои комил намудани мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин ба зодгоҳи Нусратулло Махсум рафта, бо пайвандони ӯ мулоқоту суҳбатҳо ороста бисёр тарафҳои норӯшани фаъолияти қаҳрамонро рӯшан намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Тадқиқоти мазкур натиҷаи ковиш ва таҳқиқи бисёрсолаи инҷониб мебошад. Муҳтавои асосии таҳқиқот, пешниҳодот ва тавсияҳо дар барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ ва маърузаҳои конфронси апрелии ДДОТ ба номи С. Айнӣ бахшида ба ҳафтаи илм (апрели соли 2009), конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба 80 солагии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (10. 11. 2011); конфронси ҷумҳуриявии ДДОТ ба номи С. Айнӣ бахшида ба 30 солагии истиқлоли давлатӣ (16. 09. 2021) ва конфронси илмӣ методӣ бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Б. Ғафуров; конфронси ҷумҳуриявии ДДОТ ба номи С. Айнӣ бахшида ба "Нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик (29 апрели соли 2025) ва ғайра иброз гардиданд.

Мавзуи диссертатсия аз муҳокимаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи №9 аз 25.04.2025) муҳокима карда шуда, барои дифоъ пешниҳод гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи баррасишуда то имрӯз 4 мақолаи муаллиф дар нашрияҳои КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷмуаҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва 10 мақола дар матбуоти даврӣ ба нашр расидаст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 201 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шуда, аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт (317 номгӯй) иборат аст.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрам будани мавзуъ аоснок шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, заминаи сарчашмашиносии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, асосҳои методологии таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Вазъи сиёсии солҳои 20-уми асри XX ва мавқеи Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои сиёсии Тоҷикистон»** ном дошта, он аз 4 зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби аввал ***"Оғози фаъолияти сиёсию ҷамъиятии Нусратулло Махсум"*** ҳаёт ва фаъолияти ибтидоии сиёсии Нусратулло Махсум баррасӣ гардидааст.

Аз ҷумла қайд мешавад, ки Нусратулло Махсум 1 июли соли 1881 дар деҳаи Чашмаи Кизии бекигарии Қаротегин (ҳоло ноҳияи Рашт), дар оилаи деҳқон таваллуд шуда, [12] дар мактаби деҳааш маълумоти ибтидоии динӣ гирифтааст.

Низоми мустамликадории империяи Россия ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии Қаротегин низ таъсир расонд. Дар ин айём зиндагии мардуми Қаротегин тоқатфрасо буд, бинобар ин, мардони қобили меҳнат аксаран ба водии Фарғона барои мардикорӣ мерафтанд. Нусратуллои ҷавон низ истисно набуд. Ӯ 8 соли умри худро ба ҳайси мардикор гузаронд. Аз лиҳози моддӣ фоидаи зиёд надид. Аммо дар Фарғона, Нусратулло Махсум бо ақидаҳои пешқадами синфи коргари рус шинос шуд. Ҳамчунин, мушоҳидаҳои ҳаррӯзаи аҳволи вазнини меҳнаткашон, барои ӯ як мактаби хуби сиёсӣ гардид.

Раванди барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар қаламрави аморати Бухоро дар соли 1920 бо тағийрёбии низом оварда расонд. Аморат сарнагун ва ба ҷои он Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро таъсис ёфт. Ба зуди Нусратулло Махсум дар моҳи сентябри соли 1920 ба ҳизби коммунистӣ аъзо гардида, [20, с. 124] дар қатори дигар ҳамақидаҳояш ба сафи барқароркунандагони ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ дохил шуд.

Бо мақсади озод намудани ҳудуди Бухорои Шарқӣ аз қувваҳои боқимондаи амирӣ моҳи декабри соли 1920 «Эъзомияи ҳарбию сиёсии Ҳисор» таъсис ёфт [43] ва он 23 марти соли 1921 Ғармро озод кард. Охири моҳи марти ҳамон сол бошад, кумитаи инқилобӣ бо сарварии Одилҷон Умаров дар Ғарм таъсис ёфт [37].

Дар барқарор намудани сохтори Шуравӣ дар Қаротегин нафарони зиёд саҳм гузоштанд. Яке аз фаъолтарини онҳо Нусратулло Махсум буд.

Фаъолияти бенуқсони Нусратулло Махсумро ба назар гирифта ӯро соли 1921 ҳамчун намояндаи Кумитаи озуқаи ҶХШБ оид ба таъмини қисмҳои Артиши Сурх дар Ғарм таъин намуданд. Ҳамзамон охирҳои ҳамон сол як муддат ӯ ҳамин вазифаро дар Душанбе низ иҷро кард. Аз ибтидои соли 1922 Нусратулло Махсум ба таври муваққатӣ раиси Кумитаи инқилобии вилояти Ғарм таъин шуд.

2 январи соли 1922 дар ҳудудҳои Бухорои Шарқӣ аз тарафи ҶХШ Бухоро ниҳоди нave, бо номи Комиссияи фавқулоддаи диктатории КИМ ҶХШБ таъсис ёфт. Роҳбари нахустини он Носир Ҳакимов буд. Баҳори соли 1922 комиссияи зикршуда ба «Комиссияи диктаторӣ оид ба корҳои Бухорои Шарқӣ» табдили ном кард ва он расман то июни соли 1924 фаъолият дошт [25, с. 65].

Пас аз табдили ном намудани КФД, аз соли 1923 ба он Нусратулло Махсумро раис интихоб намуданд. Ба чунин вазифаҳои пурмасъул пешбарӣ намудани Нусратулло Махсум дар ин давра, шаҳодат аз боло рафтани мақому мартабаи ӯ дар байни масъулини сохтори нав медиҳад.

Баъди барҳам хӯрдани Комиссияи фавқуллодаи диктаторӣ аз 7 июли соли 1924 Комитети Марказии иҷроияи Бухорои Шарқӣ таъсис ёфт. Дар таркиби КИМ Бухорои Шарқӣ шуъбаҳои ташкилӣ – маъмурӣ, коммуналӣ, маориф, зироат, машваратӣ, иқтисодӣ ва Шурои қозиҳо амал мекарданд. Дар рӯзҳои аввали таъсиси худ, ин ниҳоди сиёсӣ аз тамоми аҳолии Бухорои Шарқӣ бо муроҷиатнома изҳор дошт, ки ба муқобили босмачигарӣ муқовимат намуда, дар таъмини ҳаёти осоиштаи мардум саҳм гузоранд. Дар Изҳорот гуфта мешуд, ки бояд дар кӯтоҳтарин вақт анҷумани якум гузаронда шавад [14].

Дар анҷумани нахустини он, ки аз 1 то 5 сентябри соли 1924 дар Душанбе шуда гузашт Раиси Президиуми КИМ Бухорои Шарқӣ Нусратулло Махсум интихоб гардид [14].

Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то тақсимоти миллию ҳудудӣ Нусратулло Махсум муҳимтарин вазифаҳои давлатию ҷамъиятиро ба дӯш дошта, барои таъмини адолат ва таъмини сулҳи саросари дар қаламрави тамоми ҷумҳурӣ мавқеи фаъолро ишғол кардааст.

Зербоби дуюми боби аввали диссертатсия ***“Ҷараёни тақсимоти миллию ҳудудӣ ва саҳми Нусратулло Махсум дар ташкили ҶМШС Тоҷикистон”*** ном дошта, дар он рафти тақсимоти мазкур ва нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси ҶМШС Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар масъалаи баргузор намудани тақсимоти миллию ҳудудӣ дар Осиёи Миёна ҳанӯз аз соли 1920 дар Ҳукумати Шуравии Русия ба миён омада буд. Моҳи январи соли 1924 ин масъала дар ҷаласаи Бюрои ташкилии КМ ҲК (б) Русия баррасӣ гардид. Маҳз дар замин давра корҳои ташкилӣ оғоз шуда, тирамоҳи ҳамон сол анҷом ёфтанд.

Комиссия барои тайёр намудан ва гузаронидани тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ 10 апрели соли 1924 аз тарафи КМ ҲК (б) ҶХШ Бухоро таъсис ёфта буд. 12 июли соли 1924 дар назди Комиссияи марказӣ комиссияҳои миллӣ таъсис ёфтанд, аз ҷумла, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ ва қазоқӣ.

Комиссияҳои таъсисёфта асосан аз пантуркистоне иборат буданд, ки барои таъсис ёфтани комиссияи тоҷикӣ мамониат мекарданд. Дар баробари пантуркистон нақши манфиро дар ин раванд ҳамчунин тоҷикони пантуркистшуда, аз ҷумла Файзулло Хоҷаев ва Абдулло Раҳимбоев бозӣ мекарданд.

Комиссияи тоҷикӣ дертар, аниқтараш 16 август комиссияи тоҷикӣ бо ташаббуси Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК (б) Русия ҳайати А. Ҳоҷибоев (раис), Ч. Имомов ва М. Саидҷонов (аъзо) ташкил гардид.

6 сентябри соли 1924 лоиҳаи ташкили вилояти мухтори Тоҷикистон аз ҷониби комиссияи тақсимот ва 7 сентябр аз тарафи Бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲКР (б) тасдиқ шуд [31, с. 9]. Тибқи ин лоиҳа “вилояти мухтори Тоҷикистон” бояд дар ҳудудҳои Бухорои Шарқӣ ва ноҳияҳои болооби Зарафшон ташкил мешуд. Ташкилшавии Тоҷикистон дар чунин шакли “қайчишуда” тоҷикони ватандӯстро бетараф гузошта наметавонист, ки дар ин қатор Нусратулло Махсум истисно нест

Нусратулло Махсум, Раиси Президиуми КМИ Бухорои Шарқӣ зимни сафар ба Тошканд моҳи сентябри соли 1924, бо суратҷаласаи комиссияи тақсимоти ҳудудию миллӣ шинос шуда, доир ба натиҷаҳои он норозигии худро баён намуд. Эътирози худро дар шакли хаттӣ ӯ ба Котиби генералии КМ ҲКУ (б) И. Сталин баён кард.

Дар мактуби Нусратулло Махсум таъкид мешавад, ки комиссияи тақсимот масъалаи тоҷиконро ноодилона баррасӣ

намудааст, бинобар ин, шомилшавии Тоҷикистон ҳамчун вилояти мухтор ба ҳайати Ӯзбекистон номумкин аст, зеро ин нақзи рӯирости манфиатҳои миллии тоҷикон ба худмуайянкунӣ мебошад [19, с. 35 – 36].

14 октябри соли 1924 дар Анҷумани II Комитети Иҷроияи Марказии Умумииттифоқӣ ин масъала расман таийд шуд. 27 октябр КИМ ИҶШС бо қарори худ хоҳиши ҳукуматҳои Туркистон, Бухоро ва Хоразмро дар бораи тақсимот қонеъ гардонд. Ҳамин тариқ, Анҷумани II КМИУ қарори 14 октябри соли 1924-ро дар бораи таъсис ёфтани ҶМШС Тоҷикистон тасдиқ кард ва онҳо ҳукми қонунро гирифтанд [40, с. 12].

Таъсисёбии Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурии мухтор, сарфи назар аз ноадолатии содиршудаи таърихӣ, метавон оғози эҳёи миллати тоҷик ва гоми ҷиддӣ дар масири таъсис додани давлати соҳибистиклол шуморид. Ин нукта дар барқияе, ки Нусратулло Махсум ба унвони Бюрои Осиёимиёнагии КМ фиристод, баръало ба назар мерасад [4].

26 ноябри соли 1924 КМИ ҶШС Узбекистон Комитети Инқилобии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҳукумати муваққатии ҷумҳурӣ то тайёр кардан ва гузаронидани анҷумани муассисони Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистонро таъсис дод [15]. Ба ҳайати Президуми Комитети Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум (раис), Б. Додобоев, Ҳоҷӣ Раҳматулло (ҷонишинони раис), А. Ёрмуҳммадов, Ш. Шотемур, А.М. Дяков дохил буданд. 3 феврали соли 1925 ҳукумати Тоҷикистон аз Тошканд ба Душанбе – пойтахти ҶМШС Тоҷикистон кӯчида омад. Рӯзи дигар, 4 феврал дар Душанбе гирдиҳамоии серодам барпо гардид. Дар он эъломияи ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон хонда шуд. Бо фармони Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 5 феврал фаъолияти КМИ Бухорои Шарқӣ катъ гардид.

Яке аз омилҳое, ки барои тағйир ёфтани «вилояти мухтор» ба «ҷумҳурии мухтор» мусоидат кард, мактуби Нусратулло Махсумро ба КМ ВКП (б) ҳисоб кардан мумкин аст. Маҳз ҳамин мактуб барои таъсиси ҶМШС Тоҷикистон заминаи воқеӣ гардид. Вай барои таъсиси ҶШС Тоҷикистон ва қабули Эъломияи истиқлол дар соли 1991 барои оянда замина гузошт.

Дар зербоби сеюми боби якум ***“Мақоми Нусратулло Махсум дар самти таҳким бахшидани сохтори идорию маъмурии ҶМШС Тоҷикистон”*** саҳми Нусратулло Махсум дар ташкил ва таҳкими низоми идорию маъмурии ҶМШС Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Қайд намудан зарур аст, ки солҳои 1924 – 1926 Нусратулло Махсум вазифаи Раиси Кумитаи Инқилобии Марказии ҶМШС Тоҷикистон адо мекард, ба ибораи дигар, ӯ амалан нахустин роҳбари ҷумҳурии худмухтор буд. Кумитаи инқилобӣ соли 1926 фаъолияти худро қатъ намуд, яъне баъди эълони изҳороти расмӣ дар бораи хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон.

7 декабри соли 1924 дар маҷлиси Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон, зери роҳбарии Нусратулло Махсум қарор қабул шуд, ки бояд ҳайати махсус бо роҳбарии Шириншо Шоҳтемур қабл аз кӯчидани ҳукумат ба Душанбе рафта, корҳои ташкилиро анҷом диҳад. Инчунин ба Ш. Шоҳтемур супориш дода мешавад, ки масъалаи таҳияи тақсимоти марзию маъмурӣ, ташкили сохторҳои идораи давлатию ҳизбиро мураттаб созад [23, с. 88]. Моҳи декабри соли 1924 Ҳукумати Тоҷикистони мухтор ба Душанбе меояд.

6 декабри соли 1924 Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲКР (б) Бюрои ташкилоти ҲК (б) Узбекистонро дар Тоҷикистон ташкил намуд. [5] Ба ҳайати Бюрои ташкилӣ шомил шуданд: Нусратулло Махсум Раиси КМИ ҶМШС, Ч. Имомов, С. М. Соколов, Ш. Шоҳтемур, Б. Додобоев, А. Алиев, А. Ёрмуҳаммадов ва дигар масъулони давлатӣ аъзои комитети ташкилӣ таъин гардиданд [38, с. 17 – 18].

Аввалин ҷаласаи раёсати КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон, бо сарварии Нусратулло Махсум 7 декабри соли 1924 дар шаҳри Тошканд баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаи сохтори дастгоҳи идораи ҷумҳурӣ баррасӣ шуда, комиссариатҳои халқии соҳавӣ ва муассисаҳои ҷумҳуриявӣ таъсис ёфтанд, шумораи коргарони онҳо ва штати коргарони кумитаҳои инқилобии маҳалливу вилоятӣ низ муаяйян карда шуданд [21, с. 253 – 255].

Нусратулло Махсум барои ташкил ва ба низоми муайян даровардани сохтори давлатӣ таҷрибаи дигар ҷумҳуриҳои иттифоқиро омӯхт. Ҳамчунин, ӯ доимо бо ҳукумати марказӣ, яъне Маскав, машварат мекард, зеро дар назди ҷумҳурии ҷавон ҳанӯз масъалаҳои зиёд меистоданд.

Дар навбати аввал, зарур буд, ки ҳарчӣ зудтар босмачиҳо торумор гардида, идораҳои маъмурии собиқро барҳам дода шуда, ба ҷои онҳо мақомоти нави шуравӣ таъсис дода мешуданд. Ин раванд зери назорати мустақими ҳукумати марказӣ қарор дошт.

Барои нигоҳ дошатани низоми ҷамъиятӣ дар Бухорои Шарқӣ Комитети инқилобӣ бо роҳбарии Нусратулло Махсум қарори махсус дар бораи таъсисёбии милитсия қабул кард. Ба

зудӣ, моҳи декабри соли 1924 Комиссариати халқии корҳои дохила (НКВД) таъсис ёфт. Аз 12 феврали соли 1925 бошад Комиссариати халқии адлия ба фаъолияти худ сар кард.

Давоми моҳҳои феврал-март Нозироти адлия шуъбаҳои шаҳрвандӣ ва кассатсионии худро боз кард. Дар шаҳри Душанбе судҳои округӣ, идораи нотариалӣ, шуъбаҳои мақомоти судӣ ва тафтишотии худро дар Ғарм (Рашт), Ҳисор, Қӯрғонтеппа (Бохтар), Ӯротеппа (Истаравшан), Кӯлоб ва Панҷакент кушоданд. Ҳамчунин, қариб се сол дар Душанбе, яъне то соли 1927 шуъбаи тоҷикистонии Суди Олии Узбекистон дар Тоҷикистон фаъолият намудааст. Баъдан шуъбаи мазкур барҳам дода шуда, салоҳиятҳои он ба уҳдаи Сарсуди ҶМШС Тоҷикистон вогузор гардид.

Давоми моҳҳои февралу марти соли 1925 сохторҳои Нозироти маориф, тандурустӣ, зироат, молия, шуъбаи Суди Олии Узбекистон ва Сарраёсати Сиёсии Давлатӣ, ташаккул ёфтанд. Ҳамаи онҳо органҳои худро дар маҳалҳо таъсис доданд. Дар таҳияи лоиҳаи ташкили аввалин комиссариатҳо (вазоратҳо) саҳми Ш. Шоҳтемур хело калон аст. Дере нагузашта, бо тавсияи Нусратулло Махсум Ш. Шоҳтемур комиссари Комиссариати инспексияи коргару деҳқон таъин гардид [7].

Муҳимтарин вазифаи ин давра гузаштан аз кумитаҳои инқилобӣ ба шуроҳо буд, бинобар ин, дар назди кумитаҳои инқилобӣ вазифа гузошта шуда буд, ки шароитро барои фаъолияти шуроҳо фароҳам созанд. Аммо ба иллати қатъ нашудани муборизаи босмачиҳо гузариш ба шуроҳо тӯл мекашид.

1 октябри соли 1925 Кумитаи Инқилобии марказӣ зери роҳбарии Нусратулло Махсум дар бораи барҳам додани кумитаҳои инкилобӣ ва ташкили шуроҳо дар ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул кард. 5 октябр шароити зарурӣ барои баргузор намудани интихобот ба мақомоти маҳаллӣ фароҳам оварда шуд. Бо мақсади интихоб намудани ҳукумати ҷумҳурӣ съезди якуми Муассисони шуроҳо даъват гардид. Моҳи августи соли 1926 КМИ ҶМШС Тоҷикистон қарор доир ба аз нав гузаронидани интихобот ба шуроҳои маҳаллиро қабул кард. Моҳҳои октябр-ноябри соли 1926 интихобот ба шуроҳои маҳаллӣ гузаронида шуд.

26 октябри соли 1926 Президиуми Комитети Инқилобии ҷумҳурӣ рӯзномаи кори анҷумани якуми муассисони шуроҳои ҶМШС Тоҷикистонро тасдиқ кард. Анҷуман кори худро 1 декабри соли 1926 дар бинои «Хонаи деҳқон» (собиқ бинои театри драмавии русии ба номи В. Маяковский) оғоз намуд. Дар анҷуман 336 намоянда аз тамоми ҷумҳурӣ иштирок доштанд [32, с. 31].

Анҷуманро раиси Комитети Инқилобии Тоҷикистон Нусратулло Махсум кушод [10].

Вакилони анҷуман ба ҷои Кумитаи Инқилобӣ Кумитаи Иҷроияи Марказии (КИМ) ҶМШС Тоҷикистонро интихоб намуда, тамоми ҳокимиятро ба ихтиёри он супориданд.

Ҳамин тариқ, анҷумани якуми муассисони Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон раванди аз кумитаҳои инқилобӣ ба шуроҳо гузоштанро анҷом дод. Дар ин давра Тоҷикистон соҳиби рамзҳои ҷумҳурӣ гардид. Дар анҷумани дуюми Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон, ки аз 21 то 28 апрели соли 1929 шуда гузашт, Конститутсияи ҷумҳурӣ қабул шуд [13].

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки саҳми Нусратулло Махсум дар ташкили сохтори маъмуриву идории ҷумҳурӣ калон мебошад. Зери роҳбарии ӯ амалан дар ҷои холӣ қариб тамоми сохторҳои идорию маъмурии ҷумҳурӣ таъсис ёфтанд.

Дар зербоби чоруми боби аввали диссертатсия ***“Мубориза҆ҳои Нусратулло Махсум дар раванди таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон”*** мақсад гузошта шудааст, ки саҳми Нусратулло Махсумро дар таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон муайян карда шавад.

Бояд эътироф кард, ки таъсиси ҶМШС Тоҷикистон аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт, аммо он тамоми ормону орзуи тоҷиконро амалӣ накард. Бинобар ин, соли 1928 Нусратулло Махсум ҳамроҳи чанд нафар соҳибмансабони баландпояи давлатию ҳизбӣ ба номи Бюрои сиёсии КМ ҲК (б) Русия таҳти унвони «Доир ба тақсимоти ҳудудӣ – миллӣ дар Осиёи Миёна» бо мактуб муроҷиат кард. Дар ин мактуб масъалаи поймол шудани манфиатҳои таърихии тоҷикон масъалагузорӣ мешавад.

Мақсади асосии мактуб дар он буд, ки тавассути роҳҳои мавҷуда адолати таърихӣ таъмин гардад ва бо ҳамин, ба таъсиси Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ мусоидат карда шавад.

Роҳбарияти ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон борҳо, дар сатҳҳои гуногун ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ намудани минтақаҳои тоҷикнишинро гузошта буданд. Нусратулло Махсум, Ш. Шоҳтемур ва як қатор роҳбарони дигари ҷумҳурӣ, аҳаммияти таърихии ташкил шудани ҷумҳурии мустақили шуравӣ сотсиалистиро ба назар гирифта, солҳои 1926 – 1928 кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, ки шаҳрҳои тоҷикие, ки берун аз Тоҷикистон монда буданд, ба ҷумҳурӣ ҳамроҳ карда шаванд.

11 то 24 августи соли 1929 Раёсати КМИ ҶМШС зери роҳбарии Нусратулло Махсум масъалаи ба Тоҷикистон ҳамроҳ

намудани округи Хуҷандро баррасӣ намуда, қарорҳои мусбат қабул намуд. 4-уми сентябри соли 1929 Хуҷанд расман ба Тоҷикистон пайваст.

11 сентябр дар пленуми муштараки кумитаи вилоятии ҲК (б) Тоҷикистон ва комиссияи назоратии КМ ҲК (б) ҶШС Узбекистон, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, оид ба масъалаи марказӣ - «Дар бораи баромадани ҶМШС Тоҷикистон аз ҳайати ҶШС Узбекистон» Шириншоҳ Шоҳтемур маъруза карда, ин масъаларо бо далелҳои илмию амалӣ асоснок намуд.

Раиси КИМ ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум низ доир ба хоҷагии халқ, фарҳанг ва тараққиёти Тоҷикистон дарояндаи наздик маърузаи пурмуҳтаво кард [8]. Дар маърузаи худ ӯ ба масъалаи баробарии миллатҳо низ дахолат намуд. Аз ҷумла, қайд намуд, ки ҳуқуқҳои халқи узбек дар ҳудуди Тоҷикистон ҳифз мешаванд, аммо зарур аст, ки ҳуқуқҳои тоҷикону узбекони сокини ҳарду ҷумҳурӣ пурра ҳифз шаванд [8].

Баъди шунидани маъруза дар бораи ҷудо шудани Тоҷикистон аз ҳайати Узбекистон ва ҳамчун ҷумҳурии мустақили шуравӣ дохил шудани он ба ИҶШС вакилон қарор қабул карданд. Барои ҳалли ин масъала санаи даъвати анҷумани фавқулоддаи Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон таъин шуд.

15 октябри соли 1929 дар Анҷумани III фавқулоддаи Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон Раиси КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум «Оид ба таъсисёбии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» [39, с. 93] маъруза кард. Маърузаи ӯро шунида, вакилон қарори дахлдор қабул намуданд. Рӯзи дигар, дар майдони назди Хонаи деҳқон (собиқ бинои театри драммавии русии ба номи В. Маяковский), дар ҳузури ҷамъомадагон, Эъломия дар бораи ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон тадбил додани ҶМШС Тоҷикистон эълон гардид. Зери ин санад Нусратулло Махсум ва котиби анҷуман Қосим Дайламӣ имзо карданд.

Таҳқиқот нишон дод, ки ҶШС Тоҷикистон дар натиҷаи муборизаи қотеъона ва хастагинопазиронаи Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ зери роҳбарии Ҳизби коммунист таъсис ёфт.

Боби дуюми диссертатсия **«Талошҳои Нусратулло Махсум дар таъмини амният ва танзими раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон»** ном дошта, аз 3 зербоб иборат аст.

Зербоби якум ***"Ҳаракати зиддишуравӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар ноил гардидан ба зиндагии осоишта"*** ба нақши

Нусратулло Махсум дар таъмини зиндагии осоиштаи ҷомеа бахшида шудааст.

Дар зербоби мазкур қайд мегардад, ки ташкилкунандагони аввалин дастаҳои зиддишуравӣ дар Бухорои Шарқӣ Иброҳимбек дар Лақай, Давлатмандбий дар Балҷувон, Ашӯртӯқсабо, Фузайл Махсум дар Қаротегин, Эшони Султон дар Дарвоз ва ғайра буданд. Тахминан оғози соли 1921 дар Душанбе зери роҳбарии амир мулоқоте баргузор гардид ва он ҷо нақшаи мубориза ба муқобили болшевиконро таҳия мекунанд. Баъди гурехтани амир ба Афғонистон рақибони давлати Шуравӣ ба татбиқи ин нақша шуруъ карданд. Мақсади ҳамаи ин дастаҳо, пеш аз ҳама, маҳви ҳукумати болшевикон ва барқарор намудани сохти амирӣ буд.

Нусратулло Махсум аз соли 1921 дар барқарор намудани ҳокимияти Шуравӣ дар Ғарм иштирок кард. Дар нимаи дуюми соли 1921, баъди он ки собиқ вазири мудофиаи Туркия – Анварпошшо ба Бухоро омад, вазъият муташанниҷтар гардид.

Нусратулло Махсум, ки соли 1924 роҳбари ҷумҳурӣ таъин гардида буд, дарк менамуд, ки як қисми муайяни ҷомеа дар натиҷаи ташвиқоту тарғиботи самараноки зиддишуравӣ ба босмачиён пайвастаанд. Бинобар ин, бо супориши ӯ дар тамоми минтақаҳо ва маҳалҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуданд, то ки ба оммаи васеъи мардум моҳияти сиёсати Ҳизби коммунист ва ҳукумати шуравӣ нисбат ба шаҳрвандоне, ки гумроҳ гардида, ба босмачиён пайваста буданд, фаҳмонда шавад. Аксар вақт дар чунин ҷамъомадҳо бойҳо ва рӯҳониён, ки рӯҳияи душманона доштанд, иштирок мекарданд. Бар асари чунин корҳои ташвиқотӣ бо мурури замон қисми зиёди мардум ба ҳукумати нав хушбин шуданд.

Дар тайи солҳои 1925 – 1926 ду маъракаи мубориза барои торумори босмачиҳо ба роҳ монда шуданд. Баҳори соли 1925 давраи аввали ҳамла ба зидди қувваҳои зиддишуравӣ шуруъ шуд. Дар ин амалиёт худи Нусратулло Махсум низ бавосита ва ё бевосита иштирок дошт. Баҳори соли 1926 босмачигарӣ асосан саркӯб ва аз байн бурда рафт. Пас аз фирори калонтарин саркардаи босмачиҳо Иброҳимбек ба Афғонистон 20 июни соли 1926 асосан маъракаи дуюм ба анҷом расид.

Таҳлил нишон дод, ки Нусратулло Махсум дар мубориза алайҳи ҳаракати босмачигарӣ нақши калон бозидааст. Соли 1929 дастаҳои Фузайл Махсум ва соли 1931 дастаи Иброҳимбек аз байн бурда шуданд. Ба шарофати муборизаи муваффақонаи алайҳи босмачиён, ба Тоҷикистон сулҳи деринтизор омад.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатси ***“Раванди ба ватан баргардондани фирориёни бурунмарзӣ”*** ном дошта, дар рафти он саҳми Нусратулло Махсум дар самти ба ватан баргардондани муҳоҷирон нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки дар рафти амалиётҳои ҷанги шаҳрвандӣ як қисми аҳолии Тоҷикистон маҷбур шуд, ки ба Афғонистон ҳиҷрат кунад. Мувофиқи маълумоти бойгонӣ танҳо дар зарфи солҳои 1921 – 1922 наздики 50 ҳазор оила ё худ 200 – 250 ҳазор нафар одам аз вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб ба хоки Афғонистон гурехтанд [16]. Вазъият дар минтақаҳои беодам гардида, ба иллати иқтисодӣ боз ҳам бадтар шуд, зеро мавҷуд набудани коргарон ба он оварда расонд, ки як қисми заминҳои бесоҳибмонда шӯразор шуданд.

Ҷараёни муҳоҷират солҳои минбаъда низ идома ёфт. Барои баргардонидани гурезагон аз хоки Афғонистон Нусратулло Махсум талошҳои зиёд намуд. Ҳанӯз аз соли 1924, ҳангоме, ки раиси КМИ Бухорои Шарқӣ буд, бо намояндагони мардуми гурезашуда дар сарҳад бо Афғонистон чандин маротиба вомехӯрад. Инчунин ӯ расман ба ҳукумати Афғонистон мурооҷиат намуд, то ки ба гурезаҳои тоҷик ёрии лозимӣ расонад [9]. Дар барқарор намудани манзилу деҳоти фирориён ва муҳайё намудани шароити зист, Нусратулло Махсум – роҳбари Кумитаи инқилобӣ саҳми калон гузошт.

13 апрели соли 1926 дар назди ҳукумати ҷумҳурӣ ниҳоди махсусе таъсис шуд, ки бевосита бо ҳалли масоили гурезаҳо машғул буд. Моҳҳои август –сентябр ин ниҳод ба Нусратулло Махсум ҳисоботи худро пешниҳод кард, ки тибқи он, ба гурезаҳои ба ватан баргашта маблағҳои зиёде ҳамчун кӯмак расонда мешавад [18, с. 45 – 46]. Аксарияти мардуми минтақа аз Афғонистон ба ватан қашшоқу бебизоат баргушта буданд, ҳол он, ки бо дастони холӣ фирор накарда буданд.

Нусратулло Махсум ҳангоми суханронии худ дар Анҷумани якуми муассисони Шуроҳои КМИ Тоҷикистон ба тамоми ҳамватанони ғарибгашта дар хоки Афғонистон мурочиат намуда, хоҳиш кард, ки ба ватан баргашта, ватани аҷдоди худро обод кунанд.

Раванди ба Ватан баргардонидани фирориён соли 1925 авҷ гирифт. Соли 1926 ба ватан ҳар рӯз 125 нафар гуреза бармегашт. То ибтидои соли 1926 35 ҳазор гуреза ба ватан баргаштанд [9]. Нусратулло Махсум доим ба минтақаҳое, ки сокинонашон маҷбуран ба Афғонистони ҳамсоя фирор карда буданд, сафар

менамуд. Дар натиҷаи ин сафарҳо ӯ бо вазъи воқеии ноҳияҳои беодаму камодам шинос мешуд.

Барои ҳалли оҷил ва самараноки ин масъала, Нусратулло Махсум раванди иҷрои ин барномаи давлатиро зери назорати худ гирифт. Дар натиҷа, масъалаи мазкур, дар маҷмуъ, ҳал шуд. Ба шарофати кӯшишҳои роҳбарияти ҷумҳурӣ, бо мурури замон, зиндагии мардуми баргашта ба маҷрои маъмулӣ баргашт.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ***"Нақши Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ"*** нақши Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаи замин ва танзими муҳоҷирати дохилӣ дар Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки Тоҷикистон дар рафти ҷанги шаҳрвандии солҳои 20-ум зарари калон дид. Майдони умумии кишт, саршумори чорво ва асбобҳо, кишту кор дар муқоиса ба солҳои пеш аз инқилоби Бухоро хело паст шуд. Баъди саркӯб шудани қувваҳои зиддишуравӣ дар соли 1926 дар соҳаи кишоварзӣ то ҷои имкон пешравиҳо мушоҳида мешуд. Муваффақиятҳои калон дар натиҷаи баргузории ислоҳоти обу замин ба даст омад. Бо ташаббуси КМИ ҷумҳурӣ овардани техникаи хоҷагии қишлоқ афзуд. Соли 1925 ба ҷумҳурии худмухтор аввалин трактор оварда шуд ва то охири он сол микдори умумии тракторҳо дар хоҷагиҳо ба 6 адад расид. Соли 1927 бошад микдори тракторҳо 30 ададро ташкил доданд. Танҳо соли 1929 ба ҷумҳурӣ 47 адад тракторҳо оварда шуданд, ки онҳо асосан ба округҳои Хуҷанду Ҳисор тақсим гардидаанд. Барои ба деҳқонон фаҳмонидани дастовардҳои навин нуқтаҳои аграномӣ вуҷуд дошт. Дар кори истифодабарии техника ба деҳқонон аскарони сурх, ки таҷриба доштанд, кӯмак мерасониданд. Ҳукумат манфиатдор буд, ки деҳқонон идора кардани техникаи муосирро ёд гиранд, зеро вазифаи афзоиши ҳаҷми кишти пахта меистод

Вақте ки маъракаи таъсис додани колхозҳо шуруъ шуд, Нусратулло Махсум ба ин хулоса расид, ки ба шакли нави хоҷагидорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бояд оҳиста-оҳиста гузашта шавад. Аввалин колхоз дар Тоҷикистони марказӣ соли 1927 ташкил шуд. Аммо коллективикунонӣ танҳо ба муваффақиятҳо ноил намегардид, балки ба мушкилот низ рӯ ба рӯ мешуд. Масалан, дар нимаи дуюми солҳои 20-уми асри XX бештари колхозҳо дар заминҳои давлатӣ ташкил шуданд, аммо танҳо 1,5 фоизи хоҷагиҳои деҳқониро дар бар мегирифт.

Яке аз омилҳое, ки ба рушди соҳа мусоидат мекард, ин ҳалли дурусти дурусти раванди муҳоҷирати дохилӣ ба ҳисоб меравад. Дар баъзе маҳалҳо аз сабаби камодам шудан, махсусан вилояти Қурғонтеппа, заминҳои кишт ба шӯразор табдил ёфта буданд. Барои ҳалли масъалаи ислоҳоти обу замин ва тақсими одилонаи замин дар байни деҳқонон дар маҳалҳо комиссияҳои махсус таъсис ёфтанд. Аз соли 1925 сар карда ба деҳқонон қарзҳои кӯтоҳмуддату дарозмуддат, олоти кишоварзӣ, тухмӣ ва дигар чизҳои зарурии хоҷагии қишлоқ дода мешуд.

Бо ташаббуси Нусратулло Махсум дар худи ҳамон сол 50 адад ташкилотҳои қарздиҳӣ таъсис ёфтанд, ки ба хоҷагиҳо самаранок кӯмак мекарданд. Барои рушди парвариши пахтакорӣ ҳавасмандиҳои зиёд ҷорӣ шуда буданд. То охири соли 1926 4 заводи пахтатозакунӣ аз пунбадона низ омодаи кор гардид [9]. Пойгоҳи моддӣ-техникии кишоварзӣ ҳам мустаҳкам гардид. Ба деҳқонони кишвар ба маблаги 248 000 сӯм олоти кишоварзӣ тақсим карда шуд.

Барои ҳалли ниҳоии масъалаи муҳоҷирати дохилӣ дар миёни мардум корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуд. То охири соли 1926 аввалин шуда 467 хоҷагӣ аз водии Ҳисор ба водии Вахш муҳоҷир карда шуданд. Инчунин дар ҳамин давра аз Кӯлоб, Ӯротеппа, Панҷакент, Фарғона ба водии Вахш мардумро муҳоҷир намуданд. Давоми солҳои 1925 – 1929 даҳ ҳазор хоҷагӣ ба водиҳои камаҳолӣ ҷойгир шуданд, зеро аксарияти сокинони водӣ қаламрави онро тарк карда буданд. Бо дар назардошти ин, 8030 хоҷагӣ дар водии Вахш маскан гирифтанд [30, с. 213].

Муҳоҷирати деҳқонон ба заминҳои навкорам дар округи Ғарм нисбатан муташаккил мегузашт ва онро Раиси КИМ Тоҷикистон -Нусратулло Махсум шахсан назорат мекард. Аввали моҳи марти соли 1931 аз округи Ғарм 500 хоҷагии деҳқонон ба водии Вахш муҳоҷир карда шуданд, ки ин 170 % нақшаи ҷумҳурӣ ва 125 % нақшаи округро ташкил медод. Дар муҳоҷирати байни ноҳияҳо Ғарм дар ҷои аввал буд. Аз ин ноҳия 210 хоҷагии деҳқонӣ муҳоҷир шуда буданд [51, с. 417].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1929 сар карда, дар ҷумҳурӣ ба кишти пахтаи маҳиннах шуруъ карда шуд. Ҷамъи маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 1931 нисбат ба давраи пешазҷангӣ 128,9 %, тайёр кардани пахта нисбат ба соли 1929 32,3 %, ғалла 9,1 % афзуд. Умуман дар давоми панҷсолаи якум (1928 – 1932) майдони умумии кишт дар ҷумҳурӣ аз 545,3 ҳазор гектари аввали панҷсола дар соли 1932 ба 801,6 ҳазор гектар расонида шуд

[45, с. 73]. Ҳамчунин, зери роҳбарии Нусратулло Махсум чорабиниҳои зиёде гузаронда шуданд, ки ба рушди ҷумҳурӣ мусоидат карданд.

Боби сеюми диссертатсия **«Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30-юми асри XX»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюм ***“Нақши Нусратулло Махсум дар инкишофи саноат ва роҳсозӣ дар Тоҷикистон”*** ном дошта, дар он саҳми Нусратулло Махсум дар ташкил ва инкишофи саноату роҳсозӣ дар ҷумҳурӣ нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки барои рушди хочагии халқи ҷумҳурӣ дар ҳама соҳаҳо кор аз сифр оғоз гардид, зеро заминаи иқтисодии он хеле заиф буд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар давраи аввали роҳбарии Нусратулло Махсум солҳои 1925 – 1926 дар ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Фархор ва Шаҳритус заводҳои равғанкашӣ ва солҳои 1925 – 1929 бошад дар ҷумҳурӣ 8 заводи пахтатозакунӣ сохта ба истифода дода шуд.

То анҷоми панҷсолаи якум корхонаи шоҳибофӣ дар Хуҷанд (1930) ва Душанбе (1932), комбинати коркарди меваи Хӯҷанд (1930), заводи равғанкашии Кӯлобу Қӯрғонтеппа (1932), заводи равғани эфири Хӯҷанд (1932), заводи хишти Душанбе (1929), Кӯлоб (1931), Шаҳринав (1932), заводи истеҳсоли масолеҳи сохтмонии Душанбе (1930), Исфара (1931) ба фаъолият шуруъ карданд.

Натиҷаи чунин чорабиниҳо буд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар панҷсолаи якум 1,4 баробар зиёд шуд, вазни холиси маҳсулоти саноат дар хоҷагии халқ аз 6,8 %-и соли 1928 дар соли 1932 ба 22 % расид. Миқдори коргарон бошад аз 1749 нафар ба 5653 нафар расид [45, с. 73].

Сохтмони роҳҳо барои рушди хоҷагии халқ мусоидат кард. Аз ҷумла, дар давоми солҳои 1926 – 1929, сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе [57, с. 87] бо дарозии 225 километр ба анҷом расид. Дар соли 1928 роҳи мошингарди Душанбе – Қӯрғонтеппа – Кӯлоб сохта шуд. Дар соли 1929 роҳи байни Душанбе – Тутқавул – Кӯлоб, ки барои тараққиёти мамлакат нақши калон бозида буд, анҷом ёфт.

Дар сохтмони ин роҳҳо Нусратулло Махсум нақши муҳим бозид. Ӯ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод, то ки ҳукумати марказӣ нақшаи сохтмони роҳи оҳани Душанбе – Тирмизро маъқул шуморад, бинобар ин, ҳамеша аз рафти корҳо дар иншооти

мазкур хабардор мешуд. Нусратулло Махсум сохтани роҳи Ӯш – Мурғоб – Хоруғро пешниҳод намуд, соли 1931 сохтмони роҳи зикршуда оғоз ёфта ба дарозии 740 км соли 1933 ба истифода дода шуд. Нусратулло Махсум бисёр мехост, ки роҳи мошингарди Сталинобод – Хоруғро сохта ба истифода диҳад, аммо ӯро аз роҳбарии ҷумҳурӣ барканор карданд. Бо вуҷуди ин, аз рӯи лоиҳаи таҳрези намудаи комиссияе, ки ӯ таъсис дода буд, шоҳроҳи Сталинобод – Хоруғ соли 1940 сохта ва ба истифода дода шуд.

Ҳамин тавр, Тоҷикистон дар давраи роҳбарии Нусратулло Махсум бо комёбиҳои бузурги саноатию роҳсозӣ ноил гардид. Дастовардҳои ин давра заминаи асосиро барои рушди ҷумҳурӣ дар солҳои минбаъда гузоштанд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм ***“Мақоми Нусратулло Махсум дар рушди фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”*** ҷойгоҳи Нусратулло Махсум дар рушди фарҳанг ва баланд бардоштани ҳаёти иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ муайян гардидааст.

Зикри ин нукта ба маврид аст, ки ҳукумати шуравӣ ба системаи маориф диққати махсус медод, бинобар ин, 14 декабри соли 1924 Комиссариати маорифи халқи ҶМШС Тоҷикистон таъсис ёфт, ки аввалин комиссари он Аббос Алиев таъин гардид [28, с. 18 – 48].

Барои босавод намудани аҳолӣ курсҳои маҳви бесаводӣ амал мекарданд. Соли 1925 дар назди Нозироти маорифи халқи ҷумҳурӣ комиссияи фавқулодда доир ба маҳви бесаводӣ таъсис ёфт. Нусратулло Махсум кори ин комиссияро зери назорати зуд гирифт.

Тибқи омори расмӣ, дар давоми солҳои 1926 – 1927 дар ин мактабҳо 1256 комсомол таҳсил мекард. Давоми солҳои 1928 – 1929 бошад то 9400 нафар афзуд. Ҳамчунин, сол то сол теъдоди мактабҳои маҳви бесаводӣ афзуда, то соли таҳсили 1931 – 1932 ба 3713 адад расиданд. Дар соли таҳсили 1931 – 1932 дар тамоми мактабҳои маҳви бесаводии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 136 ҳазор нафар таҳсил мекарданд, ки аз онҳо 22317 нафарашон занҳо буданд [45, с. 73].

Мувофиқи омори расмӣ, то соли 1929 ба воситаи мактабҳои маҳви бесаводӣ 61 %-и аҳолӣ савод бароварданд. Ин рақам дар соли 1926 1 %-ро ташкил мекард [44, с. 104].

Ҳамзамон, шумораи мактабҳо дар ҷумҳурӣ зиёд мешуданд. Масалан, агар дар соли 1925 дар Тоҷикистон 31 мактаб бошад, пас ин рақам дар соли таҳсили 1928 – 1929 ба 307 адад расид, ки дар онҳо 12 ҳазор хонанда таҳсил менамуданд. Дар соли таҳсили

1932 – 1933 аллакай шумораи мактабҳои ибтидоӣ 2171, мактаби миёна 2, ва курсҳои маҳви бесаводӣ бошад ба 2313 адад расид.

Барои босамар омӯзондани кӯдакон дар мактабҳо ва ба кори таълиму тарбия ҷалб намудани қишри саводноки ҷомеа аз тарафи ҳукумати вақт нашри китобҳои дарсӣ бо забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуд. То ибтидои солҳои сиюм кадрҳои омӯзгорӣ дар Донишгоҳи маорифи тоҷик (дар Тошканд), омӯзишгоҳҳои мардона ва занонаи шаҳри Сталинобод [58, с. 148] ва ғайра, тайёр карда мешуд. 18 июли соли 1931 аввалин мактаби олии ҷумҳурӣ бо номи Донишкадаи олии агропедагогии тоҷик (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) таъсис ёфт. Дар ибтидои солҳои 30-юм таъсисёбии мактаби олӣ дар ҷумҳурӣ муваффақияти калон ба ҳисоб мерафт. Ин боргоҳи илм ба шарофати талошҳои роҳбарияти ҷумҳурӣ, дар навбати аввал, Нусратулло Махсум, таъсис ёфт.

Муассисаҳои маданию равшаннамоӣ низ хеле рушд карданд. Дар солҳои мавҷудияти ҶМШС Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 16 китобхонаи оммавӣ, 32 клубу чойхонаҳои сурх сохта шууда, 9 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ ба мардум хизмат мерасонданд.

Соли 1927 бо ташаббуси омӯзгор, Ҳаким Карим ки пасон нависандаи маъруф шуд, дар назди маъмурияти «Хонаи деҳқон» дастаи ҳаваскорони бадеӣ ташкил шуд, ки дар заминаи он нахустин театри касбии тоҷик дар соли 1929 таъсис ёфт [29, с. 204]. Бо ташаббуси роҳбарияти ҷумҳурӣ санъати кинои тоҷик низ ба вуҷуд омад. Навори аввалини киночиёни тоҷик «Омадани поезди аввалин» ба ҳисоб меравад, ки онро тирамоҳи соли 1929 киножурналист В. Кузин ба навор гирифта буд [36, с. 12].

Яке аз дастовардҳои намоёни фарҳангӣ таъсиси радиои тоҷик буд. Дар аввали соли 1930 дар шаҳри Душанбе 150 нуқтаи радио, дар Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа то 50 нуқтаи радио насб гардиданд [41, с. 173].

Дар соҳаи матбуот низ комёбиҳои зиёд ба даст оварда шуд. Дар даврони роҳбарии Нусратулло Махсум рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳурӣ ба монанди: “Роҳбари дониш”, “Дониш ва омӯзгор”, “Маориф ва маданият”, “Бедории тоҷик”, “Советский Таджикистан” ва ғайра барои тарғиби сохти нав дар ҷумҳурӣ ва дифои манфиатҳои халқи тоҷик хизмати нақши калон бозиданд.

Дар рушди илму адабиёт ва фарҳанг махсусан дар солҳои роҳбарии Нусратулло Махсум нақши Садриддин Айнӣ мақоми калидӣ дорад. Ҷалби С. Айнӣ аз тарафи КИМ ҶМШС Тоҷикистон барои пеш бурдани илму маориф яке аз муваффақиятҳои ин ниҳоди олии давлатӣ ба ҳисоб меравал, зеро

саҳми сардафтари адабиёти шуравии тоҷик дар рушди маънавии ҷумҳурӣ бебаҳост.

Нусратулло Махсум ба баланд бардоштани мақоми зан диққати махсус медод, алалхусус барои ҷалби онҳо дар идораҳои давлатӣ чораҷӯӣ менамуд. Ба шарофати кӯшишҳои ӯ бори аввал, баъди садсолаҳо занон бо мардон соҳиби ҳуқуқҳои баробар шуданд.

Ҳамин тариқ, боҷуръат гуфта метавон, ки дар солҳои роҳбарии Нусратулло Махсум асосҳои тараққиёти ҳаматарафаи ҷумҳурӣ гузошта шуданд. Бо лар назардошти хизматҳои Нусратулло Махсум, метавон ӯро яке аз омилҳои асосии рушди ҷумҳурӣ дар солҳои 20 30- юми асри XX номид.

Дар зербоби сеюми боби сеюм **«Сарнавишти Нусратулло Махсум дар гирдоби сиёсии солҳои 30-юми асри XX»,** таъқиботи сиёсии солҳои 30-юм нисбати роҳбарияти ҷумҳурӣ, хусусан Нусратулло Махсум нишон дода шудааст нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки солҳои 30-юми асри XX дар Иттиҳоди Шуравӣ таъқиботҳо ба авҷи худ расида, дар натиҷа, як қатор роҳбарони Тоҷикистон қурбони тухмату дасисаҳо шуданд.

Аз ибтидои солҳои 30 мақоми Котиби генералии Ҳизби Коммунистии Умумиттифоқ баланд бардошта шуд. Бинобар ин, ба зимаи ӯ назорати иҷроиши супоришҳои ҳизб ва ҳукуматро вогузоштанд. Ин ба Котиби генералии ҲКУ имкон дод, ки фаъолияти роҳбарони ҷумҳуриҳои иттифоқиро зери назорати худ гирад. Дар ин давра, ҳар соҳибмансаберо, ки манфиатҳои миллии халқи худро ҳимоя мекард, Москва дар «миллатгароӣ» айбдор намуда, ҳамчун «думрави унсурҳои буржуазӣ» таъқиб мекард.

Мубориза ба муқобили миллатчиён, каҷравон, шовинистони ҷонибдори бузургдавлатӣ дар Анҷумани XVI-и ҲК баррасӣ шуд. Ин масъала ҳамчунин дар пленуми январии КМ ҲКУ (б) дар соли 1933 бардошта шуд ва дар он роҳбари давлати шуравӣ И. В. Сталин баромад намуд. Ба дунболи ин воқеот, ҳадафи ҳамлаҳо ходимони сиёсию ҷамъиятӣ Ш. Шоҳтемур, А. Муҳиддинов, А. Ҳоҷибоев, Ч. Имомов, С. Носиров, А. Мавлонбеков, М. Ҳусенов, Б. Додобоев қарор гирифтанд. Ин гирдоб Нусратулло Махсумро низ фурӯ бурд.

Аз соли 1933 сиёҳкунии фаъолияти Нусратулло Махсум оғоз ёфта, пасон он дар идораҳои дахлдор мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар натиҷа ин раванд идома ёфта оқибат ӯро душмани

давлати шуравӣ ва яке аз думравони давлатҳои империалистӣ эълон доштанд.

14 ноябри соли 1933 қарори КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи вазъияти ташкилоти фирқавии Сталинобод» [17] қабул гардид. Дар ин санад, дар баробари хатоҳои А. Муҳиддинов камбудиҳо дар фаъолияти Нусратулло Махсум ва раиси ШКХ ҶШС Тоҷикистон А. Ҳоҷибоев низ зикр гардиданд. Ин қарор ба афзоиши раванди сиёҳкунии Нусратулло Махсум мусоидат намуд.

5 декабри соли 1933 ҷаласаи Бюрои сиёсии КМ ҲКТ (б) баргузор гардида, дар он хатоҳо ва каҷравиҳои роҳбарони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва А. Ҳоҷибоев дида баромада шуд. 23-25 декабри соли 1933 пленуми якҷояи КМ ҲК (б) ва КИМ–и Тоҷикистон фаъолияти сарварони ҷумҳуриро «муҳокима» намуда, қарор баровард, ки гӯё онҳо «аз роҳи нишондодаи ҳизб баромада», онро нодуруст амалӣ кардаанд. Гӯё онҳо амалан «дар зери таъсири унсурҳои бегонаи бою кулакҳо мондаанд».

Дар қарори пленум зикр мегардид, ки фаъолияти Нусратулло Махсум ва А. Ҳоҷибоев монеаи ҷиддие шуд, ки “ба инкишофи қувваи халқи меҳнаткаш халал мерасонид» [64].

Пленум Нусратулло Махсумро аз вазифаи Раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон ва А. Ҳоҷибоевро аз вазифаи Раиси ШКХ ҶШС Тоҷикистон озод кард. Аммо танқиди ин ду шахсияти намоён қатъ нагардид. Фаъолияти Нусратулло Махсум ва А. Хоҷибоев дар мансаби роҳбарони ҷумҳурӣ дар анҷумани чоруми КИМ Шуроҳои Тоҷикистон, даъвати 4-ум, ки то 28 декабри соли 1933 баргузор гардид, муҳокима шуд [6].

5 январи соли 1934 парвандаи Нусратулло Махсум ва ҳамсафони ӯ дар Анҷумани дуввуми КМ ҲК(б) Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Давоми солҳои 1933 – 1937 Нусратулло Махсум дар шаҳри Маскав зиндагӣ намуда, дар факултаи илмҳои ҷамъиятии Академияи лоиҳакашии ИҶШС таҳсил кардааст.

Дар ҷаласаи Президиуми КМИ ИҶШС аз 1 августи соли 1937 Нусратулло Махсум аз сафи ҳизб ҳамчун «душмани халқ» хориҷ, 31 октябри ҳамон сол Суди Олии ИҶШС ӯро ба ҷазои олӣ – парондан ва мусодираи молу мулк ҳукм намуд [22, с. 259]. Ҳукми суд расман 1 ноябри соли 1937 дар шаҳри Маскав ба иҷро расид.

Ҳамин тавр, нахустин роҳбари Тоҷикистони Шуравӣ қурбонии туҳмату буҳтон гардид, аммо ба шарофати истиқлолияти давлатӣ номи неки ӯ ва дигар ҳамсафонаш барқарор гардид.

# ХУЛОСА

## 1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар рафти таҳқиқоти мазкур мо ба ин хулоса омадем, ки сабақҳои зиндагии фарзанди диловари тоҷик Нусратулло Махсум барои ҷомеаи муосири тоҷик ҳамаҷиҳата пандомӯз аст. Диққати махсусро фаъолияти ӯ дар мансаби роҳбари ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон сазовор аст, зеро бевосита бо эҳёи миллати қадими тоҷик иртибот дорад.

- Таҳқиқот нишон дод, ки нақши Нусратулло Махсум дар ташаккул ва рушди низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар даҳсолаи нахустини мавҷудияти ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Тоҷикистон хеле муассир буд [2-М].

- Дар шароити кунунӣ омӯзиши ҳаёту фаъолияти чунин шахсиятҳо ба рушд ва таҳкими худшиносии миллӣ мусоидат менамояд, зеро бидуни донишҳои таърихӣ худшиносии миллиро ташаккул додан номумкин аст.

То солҳои 60-уми асри XX хизматҳои чунин шахсиятҳо ба монанди Нусратулло Махсум сарфи назар мешуданд, ҳарчанд, ки ӯ дар саргаҳи бунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон меистод. Ин сарфи назар карданҳо то солҳои 80 ум идома ёфтанд.

Шахсиятҳои таърихӣ маҳсули замони худанд, бинобар ин, дастовардҳо ва камбудиҳои онҳо бояд дар чорчӯби ҳамон замон омӯхта шаванд. Омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки дар давраи таҳқиқшаванда афроде буданд, ки ё натавонистанд воқеияти замонро дуруст дарк намоянд ва ё нахостанд аз равандҳои сиёсию таърихӣ ба манфиати миллату давлати худ истифода баранд.

Бархилофи онҳо, Нусратулло Махсум ҳамаи имкониятҳои мавҷудаи замони худро барои рушди ватани худ истифода бурд, бинобар ин, халку Ватан ҷоннисории ӯро фаромӯш накарданд. Баъди даҳсолаҳо хизматҳои ӯ бо мукофоти олии давлатӣ қадр гардиданд. Соли 2006 Нусратулло Махсус Қаҳрамони Тоҷикистон шуд.

- Нусратулло Махсум даврони наврасию ҷавонии худро дар водии Қаротегин гузаронид. Ӯ бо мушкилоти рӯзгори он вақтаи мардуми куҳистон рӯ ба рӯ мешуд. Бинобар ин, дар қатори дигар ҳамдиёронаш дар айёми авҷи ҷавонӣ ба вилояти Фарғона ба мардикорӣ рафт.

Зиндагии мушкил Нусратулло Махсумро хеле барвақт кордону зирак намуд. Якҷо кор кардан бо коргарони руси заводу фабрикаҳои вилояти Фарғона, ки аз ҷиҳати тафаккури сиёсӣ хело

аз мардуми Бухорои Шарқӣ пеш рафта буданд, ба рушди андешаҳои ӯ таъсир гузоштанд [10-М].

- Раванди ҳодисаҳои сиёсии ибтидои асри XX ва ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои сиёсӣ ба он мусоидат карданд, ки ӯ сиёсатмадори ботаҷриба шавад, бинобар ин, ӯ вобаста ба вазъият қарорҳо қабул мекард. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо душманон созиш мекард, аз ҷумла бо босмачиҳо. Аммо дар маҷмуъ, ӯ тамоми имкониятҳоро барои рушди халқи тоҷик истифода мебурд.

Ба иборати дигар, чунин ҳодисаҳои сиёсӣ, аз ҷумла ғалабаи Инқилоби Октябр барои Нусратулло Махсум имконияти мусоид фароҳам овард, ки ҳадалимкон ба муқобили беадолатиҳо мубориза барад. Қотеъият ва азхудгузаштагии Нусратулло Махсус ба ӯ имкон доданд, ки масоили зиёди сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодиеро, ки дар ҷумҳурӣ вуҷуд доштанд, ҳал намояд.

- Омӯзиши амиқи ин марҳилаи ҳаёти Нусратулло Махсум нишон медиҳад, ки ӯ баъди пирӯзии болшевикон дар Осиёи Миёна ӯ зуд ба тарафи сохти нав гузашт, зеро ба принчипҳои зиндагиаш ҷавобгӯ буд. Ба шарофати қобилияти баланди ташкилотчигӣ, дере нагузашта кормандони баландпояи ҳизбию давлатӣ ба ӯ таваҷҷуҳ карданд.

Нусратулло Махсум яке аз аввалин нафароне дар водии Қаротегин буд, ки ба мақсади дастгирии сохти шуравӣ фаъолона ба корҳои ташвиқотию тарғиботӣ алайҳи душманон машғул шуд. Ӯ ба муроҷиатномаи ҲК (б) Бухоро такя карда, муборизаро алайҳи душманони сохти шуравӣ роҳбарӣ мекард [3-М].

Фаъолияти самарабахши ӯро ба назар гирифта, шуруъ аз соли 1921 ба ӯҳдааш вазифаҳои калидиро гузоштанд. Ба шарофати қобилияти ташкилолтчигӣ Нусратулло Махсум дар як давраи кӯтоҳ аз намояндаи қатории Комитети озуқавории ҶХШ Бухоро то раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон расид.

Дар ин давра ӯ бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ гардид, зеро муваффақиятҳои ӯ ба баъзе соҳибмансабони ҷумҳурӣ маъқул набуд. Ин бадхоҳон ба муқобили Нусратулло Махсум дасисаҳо мекарданд, ба мақсади беобрӯ карданаш овозаҳои гуногун паҳн менамуданд, душманони сохти шуравӣ таҳдид ба маргаш мекарданд. Азбаски мақсади ягонаи ӯ ҳифзи манфиатҳои мардуми оддӣ ва ободии ҷумҳурӣ буд, ҳеҷ гуна таҳдидҳо ва ҳеҷ гуна овозаҳо ӯро аз роҳи интихобкардааш гардонда наметавонистанд.

Таъсиси ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1924 ба бедории миллӣ ва татбиқи мақсадҳои баланди ватандӯстона мусоидат

намуд, аз ин рӯ, Нусратулло Махсум ва ҳамсафонаш тамоми кӯшишҳои худро ба ноил шудан ба ваҳдати миллӣ, ҳам аз лиҳози ҷуғрофӣ ва ҳам аз лиҳози сиёсӣ равона карданд [4-М].

Нусратулло Махсум яке аз онҳое буд, ки пештар аз дигарон зарурати ваҳдати миллиро дарк намуд, бинобар ин, барои ноил шудан ба ҳадаф, кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод.

Мактуби ӯ ба унвонии роҳбарияти давлати Шуравӣ дар моҳи сентябри соли 1924 худ гувоҳи ин гуфтаҳост. Ба Нусратулло Махсум, роҳбари нахуустини ҶМШС Тоҷикистон лозим меомад, ки корро аз сифр оғоз кунад, зеро ниҳодҳои ҳокимияти нав вуҷуд надоштанд.

Ба шарофати кӯмаки ҳукумати марказӣ ва сифатҳои ташкилотчигии худ, Нусратулло Махсум дар як давраи хеле кӯтоҳ системаи давлатиро созмон дод. Дар давраи роҳбарӣ ӯ қариб тамоми минтақаҳои Тоҷикистонро савораву пиёда гашт, то ки шахсан, на танҳо бо зиндагии мардум, балки бо иқтидори табиии ва иқтисодии он низ шинос шавад. Дар бойгониҳо чандин суратҳуҷҷатҳое боқӣ мондаанд, ки аз ин дарак медиҳанд.

Бояд гуфт, ки Нусратулло Махсум шахсан раванди баргардонидани муҳоҷирони иҷборирo назорат мебурд, бинобар ин, ӯ аз ноҳияҳое дидан мекард, ки онҳо ҷойгир шуда буданд. Аксар вақт Нусратулло Махсум шахсан татбиқи қарорҳои ҳукумати марказӣ ва ҶМШС Тоҷикстонро назорат мекард [5-М].

Бо мақсади ободии мамлакат ӯ хирдамандона амал мекард, бинобар ин, дар ҳолатҳои муносиб кӯшиш менамуд низоъзоро бо босмачиён дар рафти музокирот ҳал намоянд, то ки талафи инсонҳоро аз ҳарду ҷониб пешигирӣ кунанд.

Мо дар зер чанд мисол меорем: Соли 1922 бо ташаббуси Нусратулло Махсум мулоқоти командири Артиши Сурх Я. А. Мелкумов ва Эшони Султон баргузор гардид. Соли 1923 худи Нусратулло Махсум бо Satторпонсад гуфтушунид кард, соли 1925 ӯ ҳамчун роҳбари ҷумҳурӣ бо саркардаҳои босмачиҳо вохӯрд. Музокироти охирин барои қабули афв бароои гумроҳшудагони ҳаракати босмачигарӣ, ки пушаймон шуда буданд, сабаб шуд [3-М; 6-М].

Нусратулло Махсум ҳамчунин дар чандин амалиётҳои Артиши Сурх барои саркӯбии босмачиён худ низ иштирок кардааст. Албатта, ин кор барои роҳбари давлат хатарнок буд, аммо манфиатҳои давлату халқ барои ӯ аз манфиатҳои шахсӣ болотар меистод. Махсусан иштирок дар амалиёти зидди Фузайл

Махсум дар соли 1929, шаҳодат аз чунин ҷасорату матонати ин фарзанди фарзонаи миллат медиҳад [7-М].

Маъракаҳои зидди босмачигарӣ то ҷое самар оварданду оромии ҷумҳурӣ то ҷое таъмин шуд. Нусратулло Махсум кӯшиши зиёд ба харҷ дод, ки заминаро барои рушди соҳаҳои дигари иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, ба монанди саноат, роҳсозӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, муассисаҳои дигари фарҳангӣ фароҳам оварда шавад.

Тавре аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ бармеояд кӯшишҳои Нусратулло Махсум дере нагузашта самараи худро доданд. Дар нимаи дуюми солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юм дар қаламрави ҷумҳурӣ як қатор корхонаҳои саноатӣ, роҳҳо, колхозу совхоз, комунаю артел, ТОЗ-у МТС-ҳо, муассисаҳои таълимӣ, маданию равшаннамоӣ ва ғайра бунёд шуданд.

Раванди давлатсозии мо дар он айём, махсусан ташкили ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва тараққӣ бахшидани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба чашми нотавонбинони халқи тоҷик чун хор мехалид. Аз ин сабаб эшон доим талош мекарданд, ки дар ҷода барои халқи тоҷик сад эҷод кунанд. Онҳое, ки барои эҳёи давлатдории тоҷикон кӯшиш менамуданд барои нобуд карданашон пайти муносиб меҷустанд. Мутаассифона вақт ба онҳо имкон доду як қатор фарзандони содиқи миллати мо ба доми эшон афтода, мисли Нусратулло Махсум ба марг маҳкум шуданд. Теъдоди зиёде ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум гардиданд.

Чунон ки пештар зикр кардем, корномаи ин чеҳраҳои мондагори миллат танҳо дар замони истиқлол ва бо ибтикори бевоситаи сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадр карда шуд. Санаи 27 июни соли 2006 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ду нафар фарзандони содиқи халқи тоҷик Нусратулло Махсум ва Шириншо Шоҳтемур унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд. Гуфтан мумкин аст, ки чунин иқдом барои таъмини адолати таърихӣ нақши асосӣ гузошт.

## II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Бо мақсади истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот чунин тавсияҳо пешниҳод мешаванд:

- роҳандозӣ намудани курси махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба нақши шахсиятҳо дар таърих, бо шумули корномаи Нусратулло Махсум;

- диссертатсия дар тарбияи ҳисси ватандӯстии ҷомеа, ба хусус насли наврас ва ҷавонон нақши хело бориз дорад;

- имрӯз хело зарур аст, ки дар яке аз гӯшаҳои пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе муҷассама ва осорхонаи Нусратулло Махсум бунёд шавад;

- таъсиси хона-музейи Нусратулло Махсум дар зодгоҳаш низ амри хайр ва амали саривақтист;

- хуб мешавад агар мо муште аз хоки болои қабри қаҳрамонони Тоҷикистон – Нусратулло Махсум ва Шириншо Шоҳтемурро аз Маскав ба Душанбе оварда, дар оромгоҳи Лучоб ба таври рамзӣ мақбараи онҳоро бисозем.

- ҷамъоварии хотираи пайвандон ва дӯстони қаҳрамон ва дар шакли як маҷмуа даровардану ба нашр расонидани он ба нафъи халқу ватан мебошад;

- таҳияи филмҳои бадеию ҳуҷҷатӣ аз сарнавишти қаҳрамонҳо, аз ҷумла Нусратулло Махсум дар шароити давлатдории миллӣ, бо мақсади таҳкими худшиносии миллии ҷомеа саривақтӣ мебошад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I.Монография:

[1-М]. Маҳмуд Д. Нусратулло Махсум / [Матн] Д. Маҳмудов., Абдурашитов Ф. –Душанбе, 2018. –146 с.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[2-М]. Маҳмудов Д. Нақши Нусратулло Махсум дар таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон. / [Матн] Д. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. – № 5(100). – С. 381-384 ISSN 2219-5408.

[3-М]. Маҳмудов Д. Саҳми Нусратулло Махсум дар бартараф намудани ихтилофҳои дохилии Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX. / [Матн] Д. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –2022. – № 6-1(101). – С. 323-328 ISSN 2219-5408.

[4-М]. Маҳмудов Д. Нусратулло Махсум дар шинохти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон. / [Матн] Д. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2023. – №. 6(107). – С. 239-244 ISSN 2219-5408.

[5-М]. Маҳмудов Д. Нусратулло Махсум ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон. / [Матн] А. Ғафуров., Д. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. – №. 6 (107). – С. 232-238 ISSN 2219-5408.

**III. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[6-М]. Маҳмудов Д. Нақши Нусратулло Махсум дар торумори дастаҳои Фузайл Махсум. / [Матн] Д. Маҳмудов // Нусратулло Махсум – ҷонфидои давлату миллат (маҷмуаи мақолаҳо). –Ғарм, 2019. –С. 91 – 100.

[7-М]. Маҳмудов Д. Моҷарои тилло дар хонадони Нусратулло Махсум. / [Матн] Д. Маҳмудов // Босмачиён дар таърих: нигоҳи нав ба ҳаводиси куҳан. –Ғарм, 2019. –С. 97 – 102.

[8-М]. Маҳмудов Д. Ҳамкориҳои Нусратулло Махсум бо Артиши Сурх ва саркӯб шудани охирин моҷарои Фузайл Махсум. / [Матн] Д. Маҳмудов // Артиши Миллӣ – сипари боэътимоди Ватан. (Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-юмин солгарди таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 феврали соли 2023). –Душанбе, 2023. –С. 184 – 193.

[9-М]. Маҳмудов Д. Саҳми Нусратулло Махсум дар рушди маорифи тоҷик. / [Матн] Д. Маҳмудов // Масъалаҳои мубрами таълими таърих: мушкилот ва дурнамо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Маводи конференсияи илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров, 23 декабри соли 2023). –Душанбе, 2023. –С. 226 – 230.

[10-М]. Маҳмудов Д. Мақоми Нусратулло Махсум аз нигоҳи Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон. / [Матн] Д. Маҳмудов // Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик. (Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик», Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 29 апрели соли 2025). –Душанбе, 2025. –С. 164 – 168.

[11-М]. Маҳмудов Д. Хиёнат ва ҷасорат. / [Матн] Д. Маҳмудов // Илм ва ҳаёт. – 2010. № 10 – 12. –С. 9 – 12.

[12-М]. Маҳмудов Д. Дунё ҳамеша дар талаби марди оқил аст. / [Матн] Д. Маҳмудов // Илм ва ҳаёт. – 2018. № 1.

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ

**УДК 9 (092) (575.3)**
**ББК 63.3 (2 тоҷик)**
**М – 36**

*На правах рукописи*

**МАХМУДОВ ДАВЛАТШОХ ХАЙРУЛЛОЕВИЧ**

# ВКЛАД НУСРАТУЛЛО МАХСУМА В ПОЛИТИЧЕСКИЕ, СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И КУЛЬТУРНЫЕ ПРЕОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В 20-Х И НАЧАЛЕ 30-Х ГОДОВ XX ВЕКА

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.00 – Исторические науки и археология (07.00.02 – Отечественная история)

**Душанбе – 2025**

Диссертация выполнена на кафедре истории таджикского народа Таджикского педагогического университета имени Садриддина Айни.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Гафуров Абдулло Мутиллоевич** – кандидат исторических наук, дотсент, ведущий научый сотрудник отдела новейшей истории Института истории, археологии и этнографии имени Ахмади Дониш Национальной Академии наук Таджикистана |
| **Официальные оппоненты:** | **Ализода Бахриддин Пирмухаммад** – доктор исторических наук, и.о. профессор, директор научно Института государственного управления и государственной службы Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан;<br>**Неъмонов Бехрузджон Зарёевич** – кандида исторических наук, доцент кафедры историографии и архивоведения Таджикского национального университета |
| **Ведушая организация:** | Кулябский государственный университет имени А. Рудаки |

Защита диссертации состоится **«11» декабря 2025 года в $13^{00}$** часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА–093, по защите диссертаций на соискание ученой степени кандидат истарических наук и доктора истарических наук при Институте истории, археологии и этнологии имени Ахмади Дониш Национальной академии наук Таджикистана (734025, Душанбе, проспект Рудаки, 33).

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33) и на официальном сайте Института истории, археологии и этнологии имени Ахмади Дониш Национальной академии наук Таджикистана (www.institute-history.tj).

**Автореферат разослан «____» _____________2025 года.**

**Ученый секретарь диссертационного совета, доктор философии PhD по специальности история**
**Email: mirzo-juma@mail.ru** **Мирзоев Ш.Дж.**

# ВВЕДЕНИЕ

В сложнейших исторических моментах только настоящие лидеры, проявляя политическую решительность и дальновидность, принимают судьбоносные решения, которые определяют будущее развитие народов и государств. В истории таджикского народа 20-30-е годы XX века считается одним из таких важных периодов.

В это время, несмотря на все вызовы и опасности, его верные сыны - Садриддин Айни, Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур, Абдукадыр Мухиддинов, Абдурахим Ходжибоев и др., сыграв важную роль в истории древнего таджикского народа, добились создания Таджикской Советской Социалистической республики.

Среди упомнянутых общественно–политических деятелей особое место занимает первый руководитель Таджикской АССР и Таджикской ССР, посмертно удостоивший звания Героя Таджикистана (2006), Нусратулло Махсум (Лутфуллоев), поскольку преобразования, происходившие в республике, в исследуемый нами период, во многом были связаны с его плодотворной деятельностью.

Важнейшей заслугой Нусратулло Махсума и его соратников можно считать восстановление исторической справедливости, вследствие которого в 1929 году в составе СССР появилась новая республика, названная в честь ее коренного населения - таджиков. Ни одно другое государство, образованное нашими предками в прошлом, не использовало в своем названии этноним «таджик».

Когда в конце 20-х годов Таджикистан стал седьмой советской социалистической республикой, таджики, находившиеся на грани полного физического исчезновения, возродились как птица Феникс.

Абулькасым Лахути, иранский поэт и революционер, эмигрировавший в Советский Союз в начале 20-х годов, впервые услышал о таджиках в Москве. Когда он приехал в Душанбе, убедился, что этот народ не только существует, но и имеет свою самостоятельную республику [24, с. 218].

Как отмечал Президент страны, Основатель мира и согласия, Лидер нации, уважаемый Эмомали Раҳмон: «В этот период на арену борьбы за определение судьбы таджикской нации и государства вышли такие достойные сыны нашей Родины, как Садриддин Айни, Чинор Имомов, Абдулкодир Мухиддинов, Шотемур Ширингшоев и Нусратулло Махсум, и именно благодаря

их последовательным усилиям Таджикистан был образован как Республика» [1].

Действительно, Нусратулло Махсум и его соратники, сыгравшие большую роль в образовании Таджикской ССР в 1929 году, создали исторические предпосылки для принятия Декларации независимости Республики Таджикистан в 1991 году. Исходя из этих соображений, Нусратулло Махсума можно считать политическим деятелем, определявшим судьбу своего народа и истинным лидером своего времени.

Именно поэтому, мы выбрали в качестве научного исследования жизнь и деятельность Нусратулло Махсума. Этой теме посвящено множество работ, но до сих пор отсутствует полноценная научная диссертация о личности, который сыграл важную роль в преобразованиях середины 20–х первой половины 30–х годов XX века. Поэтому, настоящее исследование открывает новую страницу в таджикской исторической науке.

Важность этих преобразований в том, что они стали переломным моментом в истории народов Центральной Азии, в том числе, для таджикской нации. Вопросы создания таджикской республики в этот исторический период, в той или иной степени, изучены в ряде отдельных научных трудов и исследований. Но, с научной точки зрения, конкретная роль отдельных исторических личностей в стабилизации ситуации и повышении уровня благосостояния народа в них не рассматривались.

Также малоизученными аспектами в деятельности Нусратулло Махсума оставались его дореволюционная жизнь и формирование политических взглядов в первые годы работы в Фергане, поэтому, автор уделяет особое внимание исследованию этих вопросов.

В диссертации исследованы общественно–политическая и социально – экономическая жизнь Таджикистана в начале 20-х первой половины 30-х годов XX века, а также место и роль видного политического деятеля - Нусратулло Махсума в этих процессах.

В современных условиях вопросы борьбы против антисоветских сил, или так называемого «басмаческого движения» стали одной из спорных тем в таджикском обществе, поэтому, возникла необходимость, в том, чтобы исследователи подходили к изучению этой темы со всей ответственностью.

Автор настоящей диссертации, осознает важность и актуальность исследуемой темы, поэтому, опираясь на

достоверные исторические источники, отражает вклад Нусратулло Махсума в разгроме басмачества на территории Таджикистана, и тем самым, показывает его роль в достижении мирной жизни в республике.

Изучение исследуемой темы показало, что Нусратулло Махсум вместе с другими видными представителями таджикского народа на протяжении целого десятилетия играл важную роль в создании таджикской республики, развитии его народного хозяйства, а также репатриации беженцев и установлении всеобщего мира на всей территории советского Таджикистана.

Вместе с тем, следует отметить, что в результате обострения ситуации в 30-х годах XX века, целый ряд видных представителей таджикского народа, среди которых был Нусратулло Махсум, стали жертвами политических репрессий, поэтому исследуемая нами тема, считается одной из самых актуальных и важных вопросов в истории таджикского народа.

Автором диссертации подробно проанализированы ход развития социально–экономических и общественно–политических процессов и причины репрессирования Нусратулло Махсума. С этой точки зрения, научный анализ диссертационной темы является исторической необходимостью.

**Степень изученности исследуемой темы.** Изучение вклада таких деятелей, как Нусратулло Махсум в восстановлении исторической справедливости, строительстве нового таджикского общества и новой общественной системы имеет огромное научно-историческое значение.

Уделяя особое внимание личности Нусратулло Махсума, мы ни в коей мере не удаляем заслуги других видных общественно-политических деятелей, сыгравших важную роль в развитии республики в исследуемый период.

Все общественно–политические деятели 20-30-х годов XX века, вносившие вклад в создании таджикской республики, достойны внимания. Но дело в том, что жизнь и деятельность многих деятелей этого периода, в том числе - Шириншо Шотемура, Абдурахима Ходжибоева, Аббоса Алиева, Абдуллы Рахимбаева, в той или иной степени, исследованы отдельными учеными–историками. Но аналогичные научные труды, посвященные Нусратулло Махсуму, до сих пор, отсутствовали.

На протяжение многих десятилетий, то есть, до середины 60-х годов XX века к деятельности Нусратулло Махсума и его соратников, учеными не проявлялось должного внимания. К тому

же, исследователи обвиняли первого руководителя советского Таджикистана в совершении ошибок и преступлений, но при этом, не приводили исторических и логических доводов.

Сфабрикованные уголовные дела в отношении партийных и правительственных деятелей 20-30-х годов до окончательной реабилитации этих лиц, даже учеными-историками не подвергались сомнению.

В 1957 году Военная Коллегия Верховного Суда, рассмотрев протест Генеральной Прокуратуры СССР, отменила приговор из-за отсутствия состава преступления в действиях первого руководителя советского Таджикистана. Тем не менее, по партийной линии Нусратулло Махсум был реабилитирован только в 1964 году [84].

В опубликованной литературе, относящейся к этому историческому периоду, имя Нусратулло Махсума до его полной реабилитации вовсе не упоминается. Даже после 1964 года, когда ЦК Компартии Таджикской ССР восстановила доброе имя Нусратулло Махсума, его личность еще долгое время «не замечалась» партийным руководством республики, не говоря об историках.

Изучение роли Нусратулло Махсума в образовании Таджикской АССР и Таджикской ССР началось в годы горбачевской перестройки. Именно тогда, впервые известные таджикские ученые - Рахим Масов и Шукур Султонов обратились к изучению жизни и деятельности Нусратулло Махсума.

Опираясь на архивные материалы, эти исследователи написали статью под названием «Всетаджикская староста», которая была опубликована 10 декабря 1988 года в газете «Коммунист Таджикистана». Впоследствии она неоднократно была перепечатана на таджикском и русском языках в республиканской периодической печати и в научных сборниках [83; 84; 82; 56, с. 123 – 134].

Вне всякого сомнения, статья «Всетаджикская староста» является первой серьезной попыткой таджикских ученых в изучении личности Нусратуллло Махсума и его заслуг в развитии Таджикской АССР и Таджикской ССР. В ней, в сжатой форме описан его жизненный путь, также, с научной точки зрения исследованы его борьба и неустанные усилия по обеспечению исторической справедливости с целью образования таджикской советской республики в исследуемый период.

Р. Масов и Ш. Султонов, опираясь на научные факты, доказали, что Нусратулло Махсум, в полном смысле этого слова, был борцом за правду и справедливость, но в последние годы жизни его оклеветали, сняли с должности, а в 1937 году расстреляли.

Следующая статья, посвященная Нусратулло Махсуму, была написана историком Базарбаевой М. и журналистом А. Сангином под заголовком «Первый председатель ЦИК» [65]. Эта статья вышла в декабре 1988 года в газете “Тоджикистони совети”. Её можно отнести к публицистическому жанру, поскольку авторы на простом и понятном языке рассказывают о Нусратулло Махсуме – от рождения до самой смерти в 30-х годах XX века.

Другую статью академика Рахима Масова – “Национальный деятель” [55, с. 4 – 25] можно считать логическим продолжением - «Всесоюзной старосты», которая была написана в соавторстве с Ш. Султоновым. В этой статье автор использует новые материалы и исследует причины репрессирования Нусратулло Махсума в трагический период советской истории.

В статье “Национальный деятель” Р. Масов также отражает тяжелую судьбу родных Нусратулло Махсума после его ареста и смерти. Поскольку 20-30-е годы XX века являются одним из направлений в научных исследованиях академика Рахима Масова, он, в той или иной степени, исследует и другие стороны жизни Нусратулло Махсума. В этой связи, он упоминает первого руководителя Таджикистана также в ряде других своих монографиях и статьях [33; 34; 35; 53, с. 25 – 38; 54, с. 134 – 146; 85; 81].

В 1991 году по случаю 110-годовщины Нусратулло Махсума в периодической печати были опубликованы ряд статей, посвященные его жизни и деятельности [78; 118; 67; 62; 68]. Главный недостаток этих материалов в том, что в них место и роль первого руководителя советского Таджикистана не исследованы на должном уровне.

Ситуация изменилась в годы независимости, когда благодаря инициативам Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона мы обратились к своему историческому прошлому, в том числе, к судьбе исторических личностей прошлого.

В этой связи, в 1997 году сотрудниками Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной Академии -Ракибом Абулхаевым, Намозом Хотамовым и Холназаром Мухаббатовым был опубликован сборник архивных

документов, посвященных жизни и деятельности Нусратулло Махсума под названием - «Речи, доклады, статьи Нусратулло Махсума и материалы о его жизнедеятельности» [47; 50]. В последующем, эти материалы были использованы в качестве первоисточника другими исследователями.

В 2001 году в честь 120-летия Нусратуло Махсума под редакцией академика Р. Масова был опубликован сборник «Преданный нации», [50] в котором были размещены 6 статей видных историков республики. В нем особое место уделяется исследованию деятельности Нусратулло Махсума в строительстве таджикской республики. Также, в указанном сборнике деятельность Нусратулло Махсума рассмотрена с научной точки зрения, благодаря чему была открыта новая страница в таджикской историографии.

27 июня 2006 года вышел указ Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона о присвоении звания «Героя Таджикистана» двум верным сынам сыновьям таджикского народа – Нусратулло Махсуму и Шириншо Шотемуру [3]. Присвоение этого высокого государственного звания способствовало изучению его жизни и деятельности учеными.

Вскоре в правительственной и неправительственной печати появилось большое количество статей, посвященных различным аспектам жизни и деятельности Нусратулло Махсума. Большинство опубликованных материалов повторяли друг друга, тем не менее, они сыграли определенную роль в ознакомлении его личности обществу [59; 61; 86; 76; 69; 98; 99; 60; 115; 102; 103; 113; 77; 109; 114; 110; 74; 71; 107; 108; 119; 117; 66; 75; 105; 79; 104; 80; 73; 101; 63].

В годы независимости, Глава государства, уважаемый Эмомали Рахмон по-достоинству оценил заслуги видных исторических личностей, к которым относится Нусратулло Махсум. Присвоение высокого государственного звания – Героя Таджикистана, переименование улиц и проспектов в честь Нусратулло Махсума в городах и районах республики, размещение его фотографии в национальной валюте (купюра в 200 сомони) празднование юбилеев, посвященные первому руководителю республики и многое другое свидетельствует об этом.

Более того, Нусратулло Махсум вместе с 25 видными личностями таджикской истории упоминается в книге “Чеҳраҳои

мондагор” (Незабываемые лица), Лидера нации, уважаемого Э. Рахмона. Глава государства, как успешный политик, дает объективную оценку заслугам Нусратулло Махсума.

В этой связи он также отмечает: «В те годы, когда Нусратулло Махсум работал на должности председателя Центрального исполнительного комитета, в Таджикистане широкий размах получили созидательные работы, наш народ не видел таких преобразований в течение предыдущих столетий. Прежде всего, были образованы новые административные структуры, стали развиваться все отрасли народного хозяйства, построены дороги, повысился уровень образованности народа, построены школы, образованы различные курсы по освоению профессий, к государственным делам привлекаются женщины, а также были реализованы другие действенные эффективные меры» [2, с. 371].

